# ҲИСОБОТИ
## солонаи Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои соли 2014

*ш. Душанбе – 2015*

| | Мундарича | |
|---|---|---|
| | Сарсухан | |
| 1. | **Омода ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ** | |
| 1.1. | Омода ва доир намудани ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратӣ | |
| 1.2. | Омода ва доир намудани ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратӣ | |
| 2. | **Дастовардҳои Шӯрои машваратӣ дар соли 2014** | |
| 2.1. | Таҳия ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои мамлакат дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ | |
| 2.2. | Таҳия ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ | |
| 2.3. | Ташкил ва гузаронидани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон дар таърихи 14 октябри соли 2014 | |
| 2.4. | Ташкил ва гузаронидани Форуми иқтисодию сармоягузории Душанбе-2014 таҳти шиори "Соҳибкорӣ - муҳаррики иқтисодиёт" | |
| 2.5. | Рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ | |
| 2.6. | Шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага (Конвенсияи Апостил) оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмӣ аз соли 1961 | |
| 2.7. | Ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 2.8. | Таҳия ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта | |
| 3. | **Оғози ислоҳот дар самтҳои гуногун** | |
| 3.1. | Рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ | |
| 3.2. | Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ | |
| 3.3. | Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ | |
| 4. | **Мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ** | |
| 5. | **Интихоби (филтратсияи) мавзъҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ** | |
| 6. | **Ҳамкорӣ бо шарикон** | |
| 6.1. | Ҳамкорӣ бо бахши давлатӣ | |
| 6.2. | Ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ | |
| 6.3. | Ҳамкорӣ бо шарикони рушд | |
| 7. | **Интихоби аъзои нави Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби бахши** | |

| | | |
|---|---|---|
| | **хусусӣ** | |
| **8.** | **Мизҳои мудаввар, семинарҳо ва форумҳо, иштирок дар гурӯҳҳои корӣ** | |
| 8.1. | Мизҳои мудаввар | |
| 8.2. | Семинарҳо | |
| 8.3. | Форумҳо | |
| 8.4. | Иштирок дар гурӯҳҳои корӣ | |
| **9.** | **Самтҳои афзалиятноки фаъолияти Шӯрои машваратӣ барои соли 2015** | |
| 9.1. | Ҳамоҳангсозии фаъолият барои ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 9.2. | Пайгирииислоҳот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта | |
| 9.3. | Пайгирии ислоҳот оид ба ташкили бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ | |
| 9.4. | Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ | |
| 9.5. | Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ | |
| 9.6. | Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” дар таҳрири нав | |
| 9.7. | Ташкили рейтинги миллии фазои сармоягузорӣ | |
| 9.8. | Омодагирӣ ва таҷлили нахустин солгарди Рӯзи миллии соҳибкорон (14 октябр) | |
| 9.9. | Рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ | |
| 9.10. | Мусоидат ҷиҳати тавсеаи донишу малакаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон.<br>Тақвият бахшидани корҳо дар самти ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии идоракунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ (бизнес инкубаторҳо) | |
| 9.11. | Тақвият бахшидани ҳамкорӣ бо шарикони рушд вобаста ба дастгирии онҳо ҷиҳати гузаронидани таҳлили фазои сармоягузорию соҳибкорӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт | |
| **10.** | **Инъикоси фаъолияти Шӯрои машваратӣ дар васоити ахбори омма** | |
| | **Хулоса** | |
| | **Замимаҳо** | |

# САРСУХАН

Маводи мазкур бо мақсади пешниҳоди маълумот оид ба натиҷаҳои фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ (минбаъд «Шӯрои машваратӣ») дар соли ҳисоботии 2014 омода карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратӣ ба самтҳои асосии зерин равона шуда буданд:

- Ташкил ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ ва таҳия намудани маводҳо вобаста ба ҳар як масъалаи баррасишаванда;
- Доир намудани мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ;
- Муайян намудани мавзуъҳои асосӣ оид ба рушди соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ, ки аз ҷониби бахши хусусӣ пешниҳод шудаанд (ҷараёни филтратсия);
- Иттилоотонии ҷомеа оид ба рафти ислоҳот дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ;
- Гузаронидани ҷараёни интихоби аъзои нави Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ, шарикони рушд ва сармоягузорони хориҷӣ;
- Ҳамкорӣ бо шарикон;
- Доир намудани таҳлилҳои иқтисодӣ ҷиҳати муайян намудани мушкилот, монеаҳо ва омода намудани тавсияҳо ҷиҳати бартараф намудани онҳо ва беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, баррасии онҳо дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ;
- Фаъолият дар самти ташаккул ва рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ;
- Ташкил, гузаронидан ва иштирок дар мизҳои мудаввар, семинарҳо ва форуму конфронсҳо. Иштирок дар гурӯҳҳои корӣ.

Қобили қайд аст, ки соли 2014 дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ идомаи ислоҳоти назаррас ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар самтҳои зерини афзалиятнок амалӣ гардонида шуд.

- Беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат дар ин самт;
- Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ин самт;
- Идомаи ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта;
- Ташкил ва гузаронидани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон;
- Ташкил ва гузаронидани Форуми иқтисодию сармоягузории Душанбе-2014 таҳти шиори “Соҳибкорӣ –муҳаррики иқтисодиёт”;

- Шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага (Конвенсияи Апостил) оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмӣ аз соли 1961;
- Ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон;
- Оғози ислоҳот вобаста ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ;
- Оғози ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ;
- Оғози ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ.

Ҳисоботи солонаи мазкур аз сарсухан,10 боб ва хулосаву замимаҳо иборат мебошад. Инчунин ҳар як боби он аз зербобҳои алоҳида, ки оид ба омода ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ, дастовардҳои Шӯро дар соли 2014, оғози ислоҳот дар самтҳои гуногун, мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ, интихоби мавзуъҳо ва пешниҳод барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯро, ҳамкорӣ бо шарикон, интихоби аъзои нави Шӯрои машваратӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва форумҳо, самтҳои афзалиятноки фаъолият барои соли 2015маълумот медиҳанд, иборат аст.

Итминон дорем, ки ҳуҷҷати мазкур хонандаи гиромиро бо фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва Котиботи он дар соли 2014 ба таври муфассал шинос хоҳад кард.

# 1. ОМОДА ВА ГУЗАРОНИДАНИ ҶАЛАСАҲОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

Яке аз вазифаҳои асосии Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ ва баррасӣ намудани масъалаҳои мубрами рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, дар давраи ҳисоботӣ ҷаласаҳои 13-ум ва 14-уми Шӯро гузаронида шуданд.

## 1.1. Омода ва доир намудани ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратӣ

Дар таърихи **30 майи соли 2014,** таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи сездаҳуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа чор масъалаи мубрами фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд:

1. Гузориш оид ба рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.
2. Муаррифии натиҷаҳои таҳлил ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта.
3. Масъалаҳо вобаста ба раванди шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага (Конвенсияи Апостил) оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ ва ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон.
4. Дар бораи лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ.

Раиси Шӯро - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратиро оғоз намуда, Роҳбари нави Котиботи Шӯрои машваратӣ Абдуҷаборов Нуъмон ва аъзои тозаинтихобшудаи Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусии ватанӣ: Роҳбари Ассосиатсияи агробизнеси Тоҷикистон - Шораҳматов Шорауф, Роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мадина ва Ҳамкорон» - Додхудоева Набот ва Роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ғаюр» - Ғуломов Акбарро ба ҳозирин муаррифӣ карданд ва ба онҳо фаъолияти пурсамар ва барори кор орзу намуданд.

Оид ба масъалаи якум, гузориши Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Қодири Қосим оид ба натиҷаҳои мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ шунида шуд.

Қарорҳои қабулгардида аз ҷониби масъулин ва вазорату идораҳои мутасаддӣ дар маҷмуъ иҷро гардидаанд.

Аз ҷумла бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати ҷумҳурӣ Нақшаҳои чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ тасдиқ гардиданд, ки татбиқи самараноки онҳо барои рушди туризм дар ҷумҳурӣ, устувор гардидани мавқеи байналмилалӣ ва боз ҳам беҳтар шудани симои сармоягузории мамлакат мусоидат хоҳанд кард.

Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи бахши туризм ва ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намудани сатҳи хизматрасонӣ дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе, аз ҷониби роҳбарияти фурудгоҳ Нақшаи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани дараҷаи хизматрасонӣ ба мусофирон ва Одобномаи кормандони фурудгоҳ қабул гардида, корҳо дар самти азнавсозӣ ва модернизатсияи таҷҳизоти хизматрасонии фурудгоҳ идома доранд.

Аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии мақомоти гумрук дар фурудгоҳҳои байналмилалии мамлакат қабул карда шуд.

Инчунин аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ равзанаи алоҳида барои хизматрасонии ширкатҳои туристӣ дар Раёсати консулии вазорат таъсис дода шуда, фаъолият намуда истодааст, ки кори ширкатҳои туристиро хеле осон ва самаранок кардааст.

Зикр карда шуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» қабул гардида, айни замон санадҳои зерқонунӣ вобаста ба татбиқи босамари қонуни мазкур таҳия шуда истодаанд.

Оид ба мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯро, инчунин намояндаи бахши хусусӣ дар Шӯрои машваратӣ, Роҳбари ширкати «Помир Энерҷӣ» - Далер Ҷумаев ва узви Шӯро, Роҳбари Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон Эдуард Ауер баромад карданд.

Вобаста ба масъалаи мазкур Раиси Шӯро, Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки ҷиҳати иҷрои қарорҳои Шӯро корҳои назаррас анҷом дода шуданд.

Зикр гардид, ки дар баробари ин, баъзе қарорҳои қабулнамудаи Шӯро, аз ҷумла бандҳои алоҳидаи «Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши сохтмон барои солҳои 2012-2014», ки дар доираи фаъолияти Шӯро қабул гардидааст, пурра иҷро нашудааст.

Инчунин зарурати ҷоннок кардани фаъолияти баъзе шӯроҳои минтақавии машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъкид гардид.

Ҳамзамон дар ҷараёни татбиқи қарорҳои Шӯро дастгирии воқеии шарикони рушд муҳим арзёбӣ карда шуд.

Аз рӯи масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа, Вазири рушди иқтисод ва савдо - Шариф Раҳимзода баромад намуда, ҳисоботи гурӯҳи корӣ оид ба рушди бахши суғурта ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғуртаро муаррифӣ намуд.

Дар робита ба масъалаи мазкур Раиси Шӯро, Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар марҳилаи нави рушди иқтисодӣ ва ташаккулёбии асосҳои ҳуқуқиву иқтисодии танзими фаъолияти суғуртавӣ қарор дорад. Аз ин лиҳоз, изҳори итминон карда шуд, ки дар муддати кӯтоҳ дар ҷумҳурии мо низ барои ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами фаъолияти суғуртавӣ заминаҳои мусоид муҳайё карда мешаванд.

Оид ба масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа, Муовини якуми Вазири корҳои хориҷӣ - Раҳмон Озода Эмомалӣ ва Раиси Бонки миллии Тоҷикистон - Абдуҷаббор Ширинов баромад намуда, нисбат ба натиҷаҳои раванди шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага (Конвенсияи Апостил) оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ ва ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон гузориш доданд.

Вобаста ба масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа, Котиби масъули Шӯро - Қодири Қосим маълумот дода, масъалаи беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллиро барои баррасӣ ба ҷаласаи ояндаи Шӯро пешниҳод намуд, ки он аз ҷониби ҳамаи аъзои Шӯрои машваратӣ дастгирӣ ёфт.

Аз Раиси Шӯро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шуд, ки ҷиҳати аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба таҳлили масъалаи мазкур дастур дода шавад.

Дар муҳокима ва баҳсу мунозираҳо вобаста ба ҳар як масъалаи дар ҷаласа баррасишуда аъзои Шӯро, Роҳбари Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон - Фарҳод Акбаров, Намояндаи доимии Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон - Марша Олив, Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Тоҷикистон - Кристофер Миллер иштирок намуда, фикру пешниҳодҳои худро иброз намуданд.

**Дар хотимаи ҷаласа суханронии ҷамъбастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд.**

Сарвари давлат қайд карданд, ки беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва мусоидати ҳамаҷониба ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат буда, дар ин самт islоҳот пай дар пай татбиқ шуда истодааст.

Яке аз масъалаҳои муҳими рушди фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ натиҷаҳои таҳлил оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта мебошад. Вобаста ба мавзуи мазкур гузоришҳои намояндагони мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд шунида шуданд.

Бахши суғурта яке аз унсурҳои муҳими таркибии бахши молиявии иқтисодиёти мамлакатҳо ба ҳисоб рафта, метавонад дар шароити муносибатҳои бозорӣ ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат намояд.

Инчунин бахши суғурта дар ташаккул ва рушди бозорҳои сармоя нақши муҳим дорад, зеро он яке аз харидорони асосии коғазҳои қиматноки давлатию корпоративӣ буда, барои муҳайё намудани маблағҳои озод ва ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт сармоягузорӣ намудани онҳо кӯмак менамояд.

Вале тибқи таҳлили коршиносон ҳиссаи бахши суғурта дар Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии мамлакат дар соли 2013 танҳо 0,3 фоизро ташкил додааст, ки ин боиси хароҷоти зиёди буҷети давлатӣ барои бартараф намудани оқибати офатҳои табиӣ ва дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон гардид.

Яке аз сабабҳои асосии рушди нокифояи бахши суғурта дар мамлакат набудани рақобат дар бозори суғурта мебошад, ки имконияти ширкатҳои хусусии суғуртавиро дар баробари ширкатҳои давлатӣ барои расонидани хизматрасониҳои суғуртавӣ, аз ҷумла хизматрасонии суғуртаи ҳатмӣ маҳдуд менамояд.

Аз аввали соли 2014 дар ҷумҳурӣ 16 ширкати суғуртавӣ ба аҳолии кишвар хизматрасониҳои суғуртавиро анҷом додаанд, ки аз ин теъдод 2 ширкати суғуртавӣ давлатӣ буда, 14 ширкати боқимонда ширкатҳои хусусӣ ба ҳисоб меравcovered. Дар баробари ин, ба ду ширкати давлатии суғуртавӣ қариб 97 фоизи шартномаҳои суғуртавии басташуда ва 51 фоизи маблағҳои ҷалбшудаи ҳаққи суғуртавӣ рост меояд, ки аз сатҳи баланди марказонидашудаи бозори суғурта ва ривоҷи рақобати номукаммал дар он шаҳодат медиҳад.

Таҷрибаи пешқадами давлатҳои дунё дар ин самт нишон медиҳад, ки амалӣ намудани хизматрасониҳои суғуртаи ҳатмӣ аз ҷониби ширкатҳои хусусии суғуртавӣ барои рушди рақобат дар бозори суғурта, пайдо шудани хизматрасониҳои нави суғуртавӣ, баланд гардидани сифати онҳо ва самаранокии фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, ширкатҳои хусусии суғуртавӣ барои амалӣ намудани хизматрасониҳои суғуртаи ҳатмӣ бояд ба талаботи меъёрҳои муосири фаъолияти суғуртавӣ ҷавобгӯ бошанд. Кифоя будани сармояи асосӣ ва пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ барои қаноатманд намудани аризаҳои даъвогӣ ҷиҳати ҷуброни хисороти пайдошуда муҳим мебошад, ки омили муайянкунандаи рақобатпазирии ширкатҳои суғуртавӣ ва бахши суғуртаро ташкил медиҳад.

Масъалаи ҳалталаби дигари рушди бахши суғурта норасоии мутахассисони баландихтисоси соҳа мебошад, ки вобаста ба амалигардонии ҳисобҳои иқтисодии тарифи суғурта ва ҳаҷми захираҳои суғуртавӣ барои таъмини сатҳи зарурии пардохтпазирӣ ва устувории молиявии ширкати суғуртавӣ фаъолият менамоянд. Кифоя набудани мутахассисони соҳибихтисос ва таҷрибаи кории гузаронидани ҳисобҳои

иқтисодии таваккалҳои ширкатҳои суғуртавӣ боиси паст шудани самаранокии фаъолияти ширкатҳо ва рақобатпазирии онҳо мегардад.

Дар заминаи таҳлили бахши суғурта дар мамлакат лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои мазкур як қатор тадбирҳои Ҳукумати Тоҷикистонро вобаста ба беҳтаргардонии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши суғурта, аз ҷумла фароҳам овардани имконият барои рушди рақобати озод, мукаммал гардонидани қонунгузории танзимкунандаи соҳа, таҳкими назорат ва баланд бардоштани рақобатпазирии бахши мазкурро дар бар мегирад.

Татбиқи Нақшаи чорабиниҳои мазкур ба мунтазам зиёд шудани саҳми бозори суғурта дар низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявӣ, баланд шудани сатҳи ҳифзи суғуртавии субъектҳои соҳибкорӣ ва шаҳрвандони мамлакат ва амалӣ намудани механизми таъминкунандаи рушди устувори иқтисодӣ мусоидат хоҳад намуд.

Яке аз роҳҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва баланд гардонидани симои сармоягузории мамлакат, ин эътироф намудани конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсияи Гаага ё худ Конвенсияи Апостил оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз соли 1961 мебошад.

Тибқи муқаррароти Конвенсия, ҳуҷҷатҳои сармоягузорони хориҷӣ дар Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои соҳибкорони Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷии шомилшуда бе расмиёти дохилӣ эътироф карда шуда, инчунин барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар кишварҳои шомили Конвенсия содда ва камхарҷ мегардад.

Ин барои сарфа намудани вақту маблағ ва соддагардонии ҷараёни барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои сармоягузорони хориҷӣ ва соҳибкорони ватанӣ ҳангоми сармоягузорӣ ё фаъолияти соҳибкории онҳо, ҳамчунин фаъолияти меҳнатии муҳоҷирони тоҷик дар хориҷи кишвар кӯмаки ҷиддӣ менамояд.

Масъалаи муҳими дигаре, ки дар ҷаласаи Шӯро муҳокима гардид, ҷараёни ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон мебошад.

Муайян намудани рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон бо мақсади ҷалби бештари сармояи хориҷӣ муҳим мебошад, чунки сармоягузорони хориҷӣ қабл аз ворид шудан ба ин ё он кишвар аз рейтинги мазкур васеъ истифода мебаранд.

Бо дарназардошти масъалаҳои зикргардида, аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ як қатор дастуру супоришҳои мушаххас дода шуданд.

Лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи минбаъдаи Шӯрои машваратӣ аз ҷониби Котиби масъули Шӯро пешниҳод карда шуд.

Сарвари мамлакат зикр намуданд, ки асоси пешрафти ҳама давлатҳоро бахши саноат таъмин намуда, барои рушди дигар соҳаҳо низ

заминаи мусоид фароҳам меорад. Маҳз рушди саноат обрую нуфузи иқтисодӣ ва сиёсии давлатро боло бурда, давлатро ҳамчун шарики устувор муаррифӣ мекунад.

Кишвари мо аз лиҳози сарватҳои табиӣ, маъданҳо ва канданиҳои фоиданок ва обҳои мусаффо ғанӣ буда, таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷиро кайҳо боз ба худ ҷалб намудааст.

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои Ҳукумати мамлакат, стратегияву барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи бахши соҳибкорӣ ва беҳсозии фазои сармоягузорӣ муяссар шуд, ки садҳо корхонаҳои хурду бузург, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсол ва коркарди маҳсулоти саноатӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

Вале ин ҳанӯз қонеъкунанда нест. Чунки бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла номукаммал будани қонунгузорӣ, камбудиҳои инфрасохторӣ ва дигар омилҳо, захираҳои табиии кишвар барои беҳтар гардонидани зиндагии аҳолӣ ба таври кофӣ истифода бурда намешаванд.

Бо дарназардошти нуктаҳои зикргардида, таҳия ва татбиқи сиёсати муосири саноатӣ ва дар заминаи иқтисоди бозорӣ асосёфта, мукаммал намудани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва сохтори институтсионалии соҳа, таҳия ва татбиқи барномаи мукаммали дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ зарур аст.

Инчунин барои андешидани як қатор тадбирҳо, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии бахши воқеии иқтисодиёт дар соҳаи саноат тавассути дастгирии корхонаҳои хурду миёна, ташкил ва рушди минтақаҳо ва гурӯҳҳои саноатию молиявӣ, таъсиси истеҳсолоти нав аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Дар маҷмуъ, рушди саноати ватанӣ барои таъмини бозори истеъмолии маҳаллӣ, беҳтар кардани тавозуни гардиши савдои хориҷӣ, диверсификатсияи содирот, таъсиси ҳазорҳо ҷойҳои кории нав, васеъ шудани сарчашмаҳои гуногуни андозбандӣ ва баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ мусоидат мекунад.

Вобаста ба ин, бо мақсади рушди бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ, доир намудани таҳлилҳои амиқ ва таҳияи тавсияҳо оид ба ташаккули бахши мазкур дар ҷумҳурӣ хеле муҳим мебошад.

**Дар асоси нуктаҳои баёнгардида, аз ҷониби Раиси Шӯро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақомот ва масъулини дахлдор ва шарикони рушд дастуру супоришҳо ва тавсияҳои зайл дода шуданд:**

1. Вазорати рушди иқтисод ва савдо:
   - якҷо бо Вазорати молия ва дигар мақомоти марбута механизми ҷорӣ намудани хизматрасониҳои суғуртаи ҳатмӣ аз ҷониби ширкатҳои хусусии суғуртавиро ба истисноии хизматрасониҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ба роҳ монда, ҷиҳати васеъ намудани доираи ширкатҳое, ки ба хизматрасонии суғуртаи ҳатмӣ машғуланд, чораҳои зарурӣ андешанд;

- лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғуртаро мукаммал намуда, бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд;
- якҷо бо вазорати молия аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғурта»-ро дар таҳрири нав таҳия намоянд. Лоиҳаи қонуни мазкур дар мӯҳлатҳои муқарраргардида мувофиқа ва қабул карда шавад.

2. Вазорати маориф ва илм якҷо бо вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо ҷиҳати таҷдиди назар намудан ба низоми таълим, барномаҳои таълимии бахши суғурта ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи муосири бозори суғурта чорабиниҳои зарурӣро татбиқ намоянд.
3. Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ, дар ҳамкорӣ бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, ассосиатсияҳои соҳибкорӣ ҷиҳати дар моҳи октябри соли 2014 гузаронидани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорони Тоҷикистон ва сармоягузорони хориҷие, ки дар Тоҷикистон фаъолият мекунанд, Кумитаи тадорукот таъсис дода, барои дар сатҳи баланд доир намудани чорабинии мазкур тадбирҳои зарурӣ андешанд.
4. Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, адлия ва молия ҷиҳати то охири нуҳмоҳаи соли ҷорӣ ба анҷом расонидани расмиёти шомилшавии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага (Конвенсияи Апостил) оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз соли 1961 тадбирҳои зарурӣро амалӣ намуда, аз натиҷааш маълумот пешниҳод намоянд.
5. Бонки миллӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ва бо ҷалби шарикони рушд дар ҳамкорӣ бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонии баҳогузорӣ, рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистонро дар соли ҷорӣ ташкил намуда, аз натиҷааш маълумот манзур намояд.
6. Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Саридораи геология ва дигар вазорату идораҳо, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода, оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ таҳлили ҳамаҷониба гузаронанд ва натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳоиояндаи Шӯро пешниҳод намояд.
7. Ба ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

гузоришҳои Раиси Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон оид ба фаъолияти Шӯрои минтақавӣ ва Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти татбиқи «Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши сохтмон барои солҳои 2012-2014» пешниҳод карда шаванд.

8. Ба шарикони рушд тавсия дода мешавад, ки:
   - ҷиҳати баланд бардоштани малакаи тахассусии бахши хусусӣ ва созмонҳои соҳибкорӣ, забондонӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкорон, аз ҷумла дар таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ, таҳлили масъалаҳои мубрами фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва дар маҷмуъ дастгирии умумии бахши хусусӣ кӯмакҳои худро васеъ намоянд;
   - фаъолияти худро дар самти дастгирии татбиқи ислоҳоти амалишаванда, аз ҷумла беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои туризм ва суғурта, ташкили бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ ва баланд бардоштани мавқеи ҷумҳурӣ дар рейтингҳои байналмилалӣ тақвият бахшанд;
   - вобаста ба татбиқи пурсамари Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта, аз ҷумла такмили сохтори институтсионалии бахши суғурта ва таъсиси Ассосиатсияи миллии ширкатҳои суғуртавӣ тибқи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, ташкили курсҳои бозомӯзӣ барои тайёр намудани мутахассисони соҳибхтисоси соҳаи суғурта бо ҷалби коршиносони байналмилалӣ мусоидат намоянд.

Ҳамчунин, Протоколи ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ (санаи баргузории ҷаласа 30 майи соли 2014) аз 7 июни соли 2014 аз тарафи Раиси Шӯро ба имзо расонида шуд.

### 1.2. Омода ва доир намудани ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратӣ

Дар таърихи **17 ноябри соли 2014,** таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи чордаҳуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа панҷ масъалаи фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда:

1. Гузориш оид ба рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ.
2. Дар бораи фаъолияти Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон.

3. Оид ба татбиқи Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014.
4. Муаррифии натиҷаҳои таҳлил оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ дар Тоҷикистон.
5. Дар бораи лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ (агробизнес) дар Тоҷикистон.

Раиси Шӯро - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратиро оғоз намуда, ҷаноби Сума Чакрабарти - Президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушдро, ки дар ҷаласа иштирок дошт, хайрамақдам гуфтанд ва нақши Бонки мазкурро дар татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва лоиҳаҳои инфрасохторӣ баланд арзёбӣ намуданд.

Зикр гардид, ки моҳи октябри соли ҷорӣ бо ташаббуси Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва таҳти сарпарастии Ҳукумати Тоҷикистон мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорону сармоягузорон ва дар доираи он бори нахуст Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе-2014 таҳти унвони «Соҳибкорӣ – муҳаррики иқтисодиёт» бо иштироки намояндагони созмонҳои байналмилалии молиявӣ, соҳибкорони ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ аз 35 мамолики ҷаҳон баргузор гардид.

Дар доираи он як қатор ҳуҷҷатҳои ҳамкорӣ ва Изҳороти Форум қабул гардид, ки ба рушд ва тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди байни соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ мусоидат хоҳад намуд.

Сипас ҷаноби Сума Чакрабарти - Президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд баромад намуда, оид ба нақши минбаъдаи Бонк дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва беҳсозии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар Тоҷикистон, татбиқи бомароми як қатор лоиҳаҳо дар бахшҳои энергетика, молия, таҷдиди роҳҳо, тиҷорат ва дастгирии бахши хусусӣ суханронӣ намуд.

Оид ба масъалаи якум, гузориши Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Қодири Қосим шунида шуд.

Тавре қайд гардид, қарорҳои қабулгардида аз ҷониби масъулин ва вазорату идораҳои мутасаддӣ дар маҷмуъ иҷро гардида истодаанд.

Аз ҷумла, лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» дар таҳрири нав таҳия шуда истодааст.

Конвенсияи Гаага ё худ Конвенсияи Апостил оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961, санаи 29 октябр аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид.

Бо мақсади ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон бо агентиҳои рейтингии бонуфузи ҷаҳонӣ Стандард энд Пуарс ва Мудис ҳамкориҳоро ба роҳ монда, моҳи декабри соли ҷорӣ лоиҳаи хулоса ҷиҳати пешниҳоди рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон манзур мегардад.

Оид ба мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯро, инчунин намояндаи бахши хусусӣ дар Шӯрои машваратӣ, Роҳбари Ассосиатсияи агробизнеси Тоҷикистон - Шораҳматов Шорауф ва узви Шӯро, Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Тоҷикистон – Кристофер Миллер баромад намуда, аз ҷумла иброз доштанд, ки Тоҷикистон бори дигар ба даҳгонаи кишварҳоиислоҳотгари олам шомил гардид ва ин эътимоди сармоягузорони хориҷиро барои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти мамлакат боз ҳам қавитар месозад.

Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯро, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми бахши соҳибкорӣ ва заҳматҳои намояндагони онро дар корҳои ободонӣ, сохтмони иншоотҳои гуногуни истеҳсоливу маишӣ ва фарҳангӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ, таъсиси ҳазорҳо ҷойҳои корӣ, дастгирии иҷтимоии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми ҷумҳурӣ назаррас арзёбӣ намуданд. Ҳамзамон, бо мақсади дастгирии бештари ташаббусҳои бахши хусусӣ оид ба корҳои ободонӣ, зарурати таҳияи механизми мушаххасе, ки масъулияти сохторҳои давлатиро дар назди бахши хусусӣ баланд мебардорад, таъкид карданд.

**Аз рӯи масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа,** маърӯзаи Раиси Шӯрои машваратии минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон, Раиси вилояти Хатлон - Давлатшо Гулмаҳмадзода шунида шуд.

Дар робита ба масъалаи мазкур Раиси Шӯро, Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки вазъи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар вилоят сол аз сол беҳтар шуда истодааст, вале бо вуҷуди ин имкониятҳои зиёди иқтисодии вилоят аз мадди назари соҳибкорони маҳаллӣ ва сармоягузорони хориҷӣ дур мондаанд.

Бинобар ин, ҳалли мушкилоте, ки имрӯз дар вилоят ба рушди соҳибкорӣ монеа эҷод менамояд, бояд вазифаи аввалиндараҷаи Шӯрои машваратии назди Раиси вилоят гардад.

Оид ба масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа, Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Абдувалӣ Комилзода баромад намуда, роҷеъ ба рафти татбиқи Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши сохтмон барои солҳои 2012-2014 гузориш дод.

Вобаста ба масъалаи мазкур Раиси Шӯро, Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, ки солҳои охир соҳаи сохтмон дар ҷумҳурӣ рушд ёфта, як қатор иншооти ҳаётан муҳим, аз ҷумла нерӯгоҳҳои барқи обии бузург ва хурду миёна, хатҳои интиқоли барқ, сохтмон ва азнавсозии роҳҳои мошингард, нақбҳои бузурги мошингузар, роҳи оҳан, садҳо хонаҳои истиқоматӣ, иншооти фарҳангиву таълимӣ сохта ба истифода дода шуданд.

Вале то ҳол ҷиҳати амалӣ намудани корҳои сохтмонӣ масъалаҳои ҳалталабе мавҷуданд, ки ҳалли мусбии онҳо барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва ҳам барои сармоягузороне, ки дар соҳаи сохтмони кишвар фаъолият мекунанд ва ё фаъолият карданианд, муҳим мебошанд.

**Оид ба масъалаи чоруми рӯзномаи ҷаласа,** Раиси Бонки миллии Тоҷикистон - Абдуҷаббор Ширинов баромад намуда, натиҷаҳои фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакатро дар ин самт муаррифӣ намуд.

Инчунин оид ба масъалаи мазкур Роҳбари Ассосиатсияи бонкҳои Тоҷикистон - Изатулло Лалбеков баромад намуда, оид ба нақши бахши хусусӣ дар рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ ибрози назар кард.

**Вобаста ба масъалаи охирини рӯзномаи ҷаласа,** Котиби масъули Шӯро - Қодири Қосим маълумот дода, мавзуи беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ (агробизнес) дар Тоҷикистонро барои баррасӣ ба ҷаласаҳои оянда Шӯро пешниҳод намуд, ки он аз ҷониби ҳамаи аъзои Шӯрои машваратӣ дастгирӣ ёфт.

Аз Раиси Шӯро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шуд, ки ҷиҳати аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба таҳлили масъалаи мазкур ва пешниҳоди тавсияҳо дастур дода шавад.

**Дар хотимаи ҷаласа суханронии ҷамъбастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд.**

Дар суханронии худ Раиси Шӯро, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаро ҷамъбаст намуда, вобаста ба ҳар як масъала фикру андешаҳои худро иброз намуданд.

Аз ҷумла қайд карда шуд, ки фаъолияти пурсамари Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ фишанги муҳими густаришиислоҳот ҷиҳати беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, ба майдони муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ табдил ёфтааст.

Зеро Ҳукумати Тоҷикистон рушди бахши хусусӣ ва сармоягузориро дар стратегияи рушди дарозмуддати худ яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати иқтисодӣ муайян карда, ба он пайваста таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

Соли ҷорӣ дар мамлакат як қатор чорабиниҳои муҳими байналмилалии дорои аҳамияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доир гардиданд.

Аз ҷумла моҳи сентябр дар шаҳри Душанбе вохӯрии сарони кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай ва Бизнес-Форуми доираҳои соҳибкории мамлакатҳои узви Созмон, мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорону сармоягузорон ва дар доираи он бори нахуст Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе – 2014,

инчунин Форуми сармоягузории Созмони Ҳамкории Исломӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар чорабиниҳои милливу байналмилалӣ баргузор гардиданд.

Мақсад аз чорабиниҳои мазкур фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорону сармоягузорон, таъмини рушд ва тақвияти ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ мебошад. Чунки имрӯз мушкилоти бахши хусусӣ ҳамчун мушкилоти иқтисодиёти миллӣ баҳо дода шуда, пайгирӣ ва бартараф намудани онҳо, яке аз вазифаҳои муҳими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодии Тоҷикистон бахшҳои давлатию хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар татбиқи афзалиятҳои муайянкардаи Ҳукумати мамлакат фаъолона ширкат намоянд.

Дар ин ҷода саҳми муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бояд назаррас бошад.

Бояд тазаккур дод, ки имрӯз шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар назди раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, водии Рашт,шаҳрҳои Кӯлоб, Истаравшан, Исфара, Панҷакент ва ноҳияи Фархорфаъолият менамоянд ва барои тақвият бахшидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ мусоидат мекунанд.

Зеро шароити мусоиди ҳуқуқӣ барои таъсиси чунин шӯроҳо дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” фароҳам оварда шудааст.

Мақсади асосии шӯроҳои минтақавӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармоя ба иқтисодиёти шаҳру ноҳияҳо мебошад, ки ҳамзамон ба баланд бардоштани иқтисодиёти минтақа, ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ ва таҳкими ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ мусоидат мекунанд.

Дар доираи тадбири мазкур дар ҷаласа гузориши Раиси Шӯрои минтақавии вилояти Хатлон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ вобаста ба фаъолияти Шӯро шунида шуд.

Бояд иқрор шуд, ки вазъи имрӯзаи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ дар вилоят начандон ҷавобгӯи талабот аст, гарчанде барои ин имкониятҳои васеъ мавҷуданд. Соҳибкорон ҳанӯз ҳам ба мушкилоти сунъӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин аз як тараф ба таври лозимӣ иҷро нагардидани қонунгузорӣ аз ҷониби масъулони мақомоти ҳокимияти давлатӣ бошад, аз тарафи дигар аз сатҳи нокифояи донишҳои ҳуқуқиву иқтисодии соҳибкорон шаҳодат медиҳад.

Масалан, соҳаи асосии иқтисодиёти вилояти Хатлон соҳаи кишоварзӣ буда, маҳсулоти асосии он пахта ва меваю сабзавот ба ҳисоб меравад. Вале ин маҳсулоти кишоварзӣ қариб, ки пурра дар намуди ашёи хом содир карда мешавад.

Ҳамзамон, имкониятҳои соҳибкорон дар соҳаҳои саноат, таъсиси корхонаҳои истеҳсолии хурду миёна, рушди сайёҳӣ низ ба таври зарурӣ истифода намешавад.

Аз ин рӯ, барои таъсиси корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноат ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, захираву нигоҳдории он ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ тадбирҳои зарурӣ андешидан мувофиқи мақсад мебошад.

Масъалаи муҳими дигар дар вилоят, чун дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ин ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони корхонаҳои истеҳсолӣ мебошад. Соҳибкорон ҳангоми муроҷиат барои гирифтани қитъаи замин ҷиҳати сохтмони иншооти истеҳсолӣ вақтҳои зиёд мунтазир мешаванд ва аксари ҳолат ноком мемонанд, ки ин ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди иқтисодии вилоят таъсири манфӣ мерасонад.

Масъалаи мазкур аз як тараф ба мақомоти маҳаллӣ вобаста бошад, аз ҷониби дигар ба Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ марбут аст, ки баррасии аризаҳо дар ин ниҳод тӯл мекашад.

Дар маҷмуъ, дар вилоят ҷалби сармоя, аз ҷумла сармояи хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ низ суст ба роҳ монда шудааст.

Масъалаи дигаре, ки дар ҷаласа баррасӣ гардид, ҷараёни татбиқи "Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014" буда, вобаста ба он гузориши Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд.

Бояд гуфт, ки имрӯз дар натиҷаи татбиқи Барномаи қайдгардида, дар соҳаи сохтмон пешравиҳои зиёд ба назар мерасанд, ки тағйирёбии симои пойтахти ҷумҳурӣ -шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат аз он шаҳодат медиҳанд.

Аз ҷумла бо қабули Кодекси шаҳрсозии ҷумҳурӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва ба тасвиб расиданд, ки ба соддагардонӣ, кам кардани муҳлат ва хароҷоти расмиёти танзими фаъолияти ташкилотҳои сохтмонӣ равона карда шудаанд.

Бо вуҷуди ин, камбудиҳо ва мушкилот дар соҳаи сохтмон ҳоло ҳам зиёд буда, дар ин самт идомаи ислоҳот зарур шуморида мешавад.

Яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи сохтмон, гирифтани иҷозат барои оғози корҳои сохтмонӣ мебошад. Тибқи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ яке аз воситаҳои самараноки соддагардонии расмиёти гирифтани иҷозат барои сохтмон, ҷорӣ намудани низоми "Равзанаи ягона" мебошад, ки метавонад муҳлат ва миқдори расмиёти танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои сохтмониро дар мамлакат ба таври назаррас коҳиш диҳад.

Дар самти мазкур тавре қаблан қайд карда шуд, ислоҳот оғоз ёфтааст ва зарур аст, ки ба он суръат бахшида шавад.

Айни замон дар мамлакат расмиёти гирифтани иҷозат барои корҳои сохтмонӣ мураккаб арзёбӣ гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаи "Гирифтани иҷозат барои сохтмон" тибқи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ дар зинаҳои поён қарор дорад.

Бинобар ин, ҷиҳати ҳарчӣ зудтар ҷорӣ намудани низоми “Равзанаи ягона” барои гирифтани иҷозати сохтмон ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ чораҳои зарурӣ андешидан лозим мебошад.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки дар ҷаласа мавриди баррасӣ қарор дода шуд, натиҷаҳои таҳлил оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ дар Тоҷикистон буда, вобаста ба мавзуи мазкур гузоришҳои намояндагони мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ шунида шуданд.

Бояд зикр намуд, ки бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ яке аз унсурҳои муҳими бахши молиявии иқтисодиёти мамлакатҳо ба ҳисоб рафта, метавонад барои муҳайё намудани маблағҳои озод ва ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт сармоягузорӣ намудани онҳо заминаи воқеӣ гузорад.

Новобаста аз он, ки кулли нишондиҳандаҳои молиявию пулии мамлакат ҷараёни афзоиш доранд, то имрӯз яке аз сабабҳои аслии рушди нокифояи бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ пеш аз ҳама номукаммалии қонунгузории соҳа ва сохтори институтсионалии он ба ҳисоб меравад. Ҳалли масъалаҳои зикргардида, боварии аҳолӣ ва сармоягузорони дохилию хориҷиро ба низоми бонкию молиявии давлат боз ҳам устувор менамояд.

Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, давлат дар рушди бозори коғазҳои қиматнок нақши калидӣ дорад. Бозорҳои фондӣ асосан дар заминаи рушди бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ, ки аз тарафи Вазорати молия ва Бонки миллӣ интишор мешаванд, рушд мекунанд. Яке аз роҳҳои асосии устувор намудани рушди бозори коғазҳои қиматнок таъмин намудани интишор ва хариду фурӯши коғазҳои қиматноки давлатӣ бо нархҳои озоди бозорӣ ва ба муҳлатҳои гуногун мебошад.

Ин амал субъектҳои хоҷагидориро ҷиҳати ба бозори кушод баровардани саҳмияҳои худ ҳавасманд намуда, заминаи воқеии баргузории хариду фурӯши коғазҳои қиматноки онҳоро дар биржаҳои фондӣ ба вуҷуд меорад.

Яке аз омилҳои асосии боздорандаи рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок дар шароити Ҷумҳурии мо масъалаи фаъолияти бонизоми ҷамъиятҳои саҳҳомӣ мебошад. Бесабаб нест, ки аксарияти онҳо алҳол шакли ҳуқуқии худро тағйир дода, ба ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд табдил ёфта истодаанд.

Албатта гузариш ба ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд кори манфӣ нест, аммо ин омил боиси дар оянда кам шудани ҳаҷми коғазҳои қиматнок, махсусан саҳмияҳо дар фурӯши биржавӣ мегардад.

Таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ дар ин самт, водор месозад, ки ба рушди бозори коғазҳои қиматнок ҳамчун сарчашмаи муҳими ҷамъоварии маблағҳои муваққатан озод ва сармоягузориҳо аҳамияти зарурӣ дода шавад.

Масъалаҳои ҷойдоштаи бозори такрории коғазҳои қиматнок ба монанди номукаммалии қонунгузорӣ, сатҳи нокифояи рушди инфрасохтор, мавҷуд набудани иттилоот ва дигар масъалаҳо бояд ҳалли дурусти худро пайдо кунанд.

Зеро ҷумҳурӣ дорои иқтидори зарурии рушди соҳа мебошад, ки гувоҳи он фаъолияти шумораи зиёди ҷамъиятҳои саҳҳомии дар раванди хусусигардонӣ ташкилшуда ва микдори назарраси корхонаҳои ватание, ки саҳмияҳояшон дуруст баҳо дода нашудаанд, ба шумор мераванд.

Аз ин рӯ, тибқи қарори ҷаласаи 12-уми Шӯро аз ҷониби гурӯҳи корӣ таҳлили соҳа гузаронида шуда, дар заминаи он, лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ таҳия карда шуд.

Оид ба банди ниҳоии рӯзномаи ҷаласа Президенти кишвар зикр намуданд, ки соҳаи кишоварзӣ аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ буда, яке аз ҳадафҳои стратегии ҳукумати ҷумҳурӣ - таъмини амнияти озуқаворecho мамлакат ва беҳдошти вазъи иқтисодии мардум, аз сатҳи рушди ин соҳа вобастагии зич дорад.

Солҳои охир дар соҳаи кишоварзии мамлакат як қатор ислоҳоти муҳим ва ҷиддӣ доир карда шуданд, ки мақсади асосии онҳо таҷдиди соҳа, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ, ба содирот нигаронидани он ва дар ин замина таъмини амнияти озуқавории мамлакат маҳсуб меёбад.

Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади таъмини рушди бемайлони соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла баланд бардоштани фарҳанги истифодабарии заминҳои корам ва истифодаи самараноку оқилонаи он, бахусус заминҳои обӣ ва дар як сол рӯёнидани 3-4 ҳосили зироат, таваҷҷуҳ ва афзалияти хосса дода, чандин барномаҳои давлатӣ қабул ва амалӣ гардида истодаанд.

Вале тавре аз таҳлили раванди таъмини ҳифзи амнияти озуқаворӣ кишвар бармеояд, тадбирҳои андешидашуда ва чараёни татбиқи онҳо ҳанӯз нокифоя мебошанд. Зеро бозори истеъмолии мамлакат аз маводи ғизоии воридотӣ ҳанӯз вобастагии калон дорад.

Доир намудани ислоҳоти куллии соҳаи кишоварзӣ кафолат медиҳад, ки амнияти озуқаворӣ мамлакат дар заминаи сиёсати босамари иқтисодӣ ва иштироки фаъоли бахши хусусӣ дар фаъолияти кишоварзӣ ва тиҷорати аграрӣ таъмин карда шавад.

Дар қатори масъалаҳои дар ҷаласаи Шӯро баррасигардида, масъалаи тарғибу ташвиқи васеи фазои сармоягузории мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ, тақвияти ҳамкориҳо ва пешниҳоди маълумоти саҳеҳу ҷолиб оид ба неруи иқтисодӣ ва имкониятҳои сармоягузории ҷумҳурӣ ва дар ин замина баланд бардоштани обрӯю нуфузи байналмилалии ҷумҳуриро зикр кардан зарур аст, ки ҳалли он барои баланд гардидани симои сармоягузории ҷумҳурӣ аҳамияти муҳим дорад.

Дар ин ҷода аллакай худи расонаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон ташриф оварда, оид ба вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ ва имкониятҳои сармоягузории он маълумоти зарурӣро пахш намуда

истодаанд. Аммо ин барои тарғиби пурраи иқидори иқтисодии ҷумҳурӣ кифоя нест.

Тоҷикистон чун мамлакати эътиқодманди усулу асосҳои ҳамгироии иқтисодӣ омодаи ҳамкориҳи созандаву муассир бо кишварҳои олам дар асоси дуҷониба ва дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла созмонҳои молиявӣ мебошад ва дар муносибатҳои байналмилалӣ сиёсати «дарҳои кушода»-ро пайгирона пеш мебарад.

Имрӯз ҳамкориҳои мо дар сатҳҳои гуногун бо ҳама мамлакатҳои минтақа ва ҷаҳон бомуваффақият идома доранд ва Тоҷикистон омода аст ҷиҳати пешбурди ҳамкориҳои натиҷабахши иқтисодӣ, минбаъд низ саъю талоши бештар намояд.

Дар ин замина, саҳми созмонҳои байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла Бонки ҷаҳонӣ, Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, Бонки Осиёии рушд, Бонки исломии рушд, Хазинаи байналмилалии асъор ва дигар ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ барои маблағгузорӣ ва роҳандозӣ кардани созишномаву лоиҳаҳои сармоягузории дорои хусусияти минтақавидошта, на танҳо ба манфиатҳои Тоҷикистон, балки ба манофеи кулли кишварҳои минтақа ҷавобгӯ мебошад.

Тайи солҳои охир ҳамкориҳои Ҳукумати мамлакат бо созмонҳои байналимилалии молиявӣ ва Шӯрои ҳамоҳангсози шарикони рушд ҷиҳати ноил гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, алалхусус дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, натиҷаҳои назаррас доданд.

Дар ин давра камбизоатӣ дар кишвари мо то 32 фоиз дар соли 2014 коҳиш дода шуд.

Рушди иқтисодии мамлакат дар давоми ин солҳо дар сатҳи 7-9 фоизи солона қарор дошт. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар дар соли ҷорӣ низ аз он шаҳодат медиҳанд, ки рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи зиёда аз 7 фоиз таъмин хоҳад гардид.

Ҳамаи ин итминони моро қавитар месозад, ки дар ҳамкории созанда бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва ҳамоҳангсозии ташаббусҳо, ба натиҷаҳои беҳтару хубтар дар самти ислоҳоти иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузориҳои бештар ноил хоҳем гашт.

**Дар асоси нуқтаҳои баёнгардида, аз ҷониби Раиси Шӯро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақомот ва масъулини дахлдор ва шарикони рушд дастуру супоришҳо ва тавсияҳои зайл дода шуданд:**

1. Котиби масъули Шӯро ва Котиботи Шӯро ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратиро таҳти назорат гирифта, ҷиҳати татбиқи пурра ва босамари онҳо чораҳои муассир андешанд.
2. Вазорати молия:
   - дар якҷоягӣ бо Бонки миллӣ барориш ва фурӯши мунтазами коғазҳои қиматноки давлатиро бо нархҳои бозорӣ таъмин намуда, аз натиҷааш ба Ҳукумати ҷумҳурӣ маълумот диҳанд;
   - дар якҷоягӣ бо Бонки миллӣ дар доираи ислоҳоти бахши бозори коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ, масъалаҳои фароҳам

овардани шароити мусоид барои таъсиси ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунии корпоративӣ, ташкили фаъолияти бонизом ва пурмаҳсули биржаҳои фондӣ дар Тоҷикистон, зина ба зина ба биржаҳои байналмилалӣ баровардани саҳмияҳои ширкатҳои ватанӣ ва дигар ҷанбаҳои муҳими соҳаро ба инобат гиранд;

- дар якҷоягӣ бо Бонки миллӣ дар лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ на танҳо ба ҷанбаҳои рушди коғазҳои қиматноки давлатӣ, инчунин ба тавсеаи бозори коғазҳои қиматноки корпоративӣ диққати ҷиддӣ диҳанд.

3. Вазоратҳои молия, адлия ва Бонки миллӣ дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои марбута ҷиҳати мукаммал намудани заминаи меъёрию ҳуқуқии бахши бозори коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ ва сохтори институтсионалии он чораҳои заруриро амалӣ намоянд.
4. Бонки миллӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондиро бо дарназардошти таклифу пешниҳодоти дар ҷаласаи имрӯза баёнгардида такмил дода, бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.
5. Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҷиҳати ҷалби бештари сармоягузориҳо ба иқтисодиёти вилоят тадбирҳо андешида, ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва татбиқи онҳо, талаботи воқеии минтақа, аз ҷумла дар самти ба гардиши кишоварзӣ баргардонидани заминҳои партов ва бекористода ба инобат гирифта шавад.
6. Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, дигар вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҷиҳати соддаву осон намудани тартиби ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони корхонаҳои саноатӣ, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодоти асоснок ва мушаххас манзур намоянд.
7. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон:
   - барои беҳтару самаранок намудани фаъолияти Шӯрои вилоятӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, котиботи он ва мунтазам гузаронидани ҷаласаҳои Шӯро чораҳои амалӣ андешад;
   - дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ барои таъсиси корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноат ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, захираву нигоҳдории он ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии ба содирот нигаронидашуда тадбирҳои

заруриӣ андешида, аз натиҷааш ба Ҳукумати ҷумҳурӣ маълумот манзур намояд;
- ҷиҳати паҳн намудани таҷрибаи ноҳияи Ёвон оид ба таъсиси корхонаҳои саноатӣ ва ҷойҳои корӣ дар дигар ноҳияҳои вилоят бо дарназардошти захираҳои ашёи хоми маҳаллӣ, истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои иқтисодии гузаргоҳи сарҳадии Панҷи Поён, ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо МД «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» ва дар маҷмуъ барои фароҳам овардани шароити мусоид ба соҳибкорон ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои мунтазам бо онҳо чораҳои заруриӣ андешад;
- барои пайгирӣ намудани самтҳои нави рушди иқтисодии вилоят, аз ҷумла дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, энергетика ва сайёҳӣ ва дар заминаи он таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд намудани некӯаҳволии мардум тадбирҳо андешад.

8. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкориро дар сатҳи раисони шаҳру ноҳияҳо таъсис дода, ҷиҳати фаъолияти бомароми онҳо ҳамаи шароитҳои зарурӣро фароҳам оранд.
9. Вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода, оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ таҳлилҳои ҳамаҷониба гузаронанд ва натиҷаҳои онро ба ҷаласаҳои оянда Шӯро пешниҳод намоянд.
10. Кумитаи меъморӣ ва сохтмон дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва бо дастгирии шарикони рушд ҷиҳати ҳарчӣ зудтар ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягона»-и гирифтани иҷозат барои сохтмон ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ чораҳои заруриӣ андешида, аз натиҷааш ба Шӯрои машваратӣ маълумот пешниҳод намояд.
11. Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Палатаи савдо ва саноат, сафоратҳо ва намояндагиҳои Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ҷиҳати муаррифии васеи имкониятҳои сармоягузории мамлакат тариқи васоити ахбори оммаи дохиливу хориҷӣ ва ташкили чорабиниҳои гуногуни таблиғотӣ тадбирҳои мунтазам андешанд.
12. Ба шарикони рушд тавсия дода мешавад, ки:
- дар ҷараёни татбиқи қарорҳои Шӯро фаъолона ширкат намуда, барои баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои тавассути шарикони рушд амалишаванда, аз ҷумла самаранокии иқтисодӣ ва молиявии онҳо тадбирҳои заруриӣ андешанд;

- барои тақвият бахшидани фаъолият ҷиҳати ба ҳадафҳои иқтисодии Тоҷикистон мувофиқ намудани лоиҳаҳои шарикони рушд ва ҳангоми амалисозии лоиҳаҳо дар мадди аввал гузоштани афзалиятҳои миллии ҷумҳурӣ чораҳои амалӣ андешанд;
- дар таҳкими сохтори институтсионалии бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ тибқи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ бо мақсади бароҳмонии фаъолияти босамари биржаҳои фондӣ, мубодилаи донишҳо, таҷриба ва иттилоот, дастгирии чорабиниҳои тарғиботӣ, инчунин бозомӯзии мутахассисони соҳавӣ мусоидат намоянд;
- ҷиҳати муаррифии васеи имкониятҳои сармоягузории мамлакат тариқи васоити ахбори оммаи дохиливу хориҷӣ ва ташкили чорабиниҳои гуногун кӯмак намоянд.

Ҳамчунин, Протоколи ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ (санаи баргузории ҷаласа 17 ноябри соли 2014) аз 28 ноябри соли 2014 аз тарафи Раиси Шӯро ба имзо расонида шуд.

## 2. ДАСТОВАРДҲОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ ДАР СОЛИ 2014

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар соли 2014 дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ як қатор қарорҳои муҳим ҷиҳати рушди фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ қабул гардиданд, ки татбиқи босамари онҳо, бешубҳа, барои тақвият бахшидани равандиислоҳоти иқтисодӣ дар ин самт мусоидат намуда истодаанд.

Шӯрои машваратӣ дар давраи ҳисоботӣ ба дастовардҳои назаррас ноил шуд, ки онҳо дар алоҳидагӣ ба таври муфассал шарҳ дода мешаванд.

### 2.1. Таҳия ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои мамлакат дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ

Дар самти мазкур аз ҷониби Котиботи Шурои машваратӣ якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва бо ҷалби бахши хусусӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ таҳия гардид. Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои ҷумҳурӣ дар Ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа шуда, бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 3 майи соли 2014 таҳти №300 тасдиқ гардид, ки татбиқи самараноки он ба боз ҳам беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ ва шароити пешбурди соҳибкорӣ дар мамлакат такони ҷиддӣ хоҳанд бахшид.

Нақша чорабиниҳои мазкур як қатор чорабиниҳоро дар самти соддагардонии тамоми расмиёти пешбурди соҳибкорӣ, аз ҷумла бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, гирифтани иҷозат барои оғози корҳои сохтмонӣ, пайвастшавӣ ба шабакаи таъминоти қувваи барқ, бақайдгирии моликият, дастрасӣ ба қарз, андозбандӣ, тиҷорати байналмилалӣ, таъмини иҷроиши қарордод ва ҳалли масъалаи пардохтпазирии субъектҳои соҳибкорӣ дар бар мегирад.

Дар ин радиф аз санаи 27-уми май то 4-уми июни соли ҷорӣ бо мақсади омӯзиши ислоҳот ва дастовардҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар мамлакат, ҳайати ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ иборат аз коршиносони байналмилалии «Пешбурди соҳибкорӣ», ба Ҷумҳури Тоҷикистон ташриф оварданд.

Ҳайати мутахассисони Бонки Ҷаҳонӣ якҷо бо кормандони Котиботи Шӯрои машваратӣ ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони якчанд вазоратҳо ва сохторҳои марбута, аз ҷумла Вазорати рушди иқтисод ва

савдо, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Кумитаи сохтмон ва меъморӣ, Кумитаи андоз, Агентии Тоҷикистандарт, Хадамоти гумрук ва Бонки миллии Тоҷикистон гуфтушунидҳо баргузор намуданд.

Аз ҷумла ислоҳоти вобаста ба ташкил ва татбиқи пурраи низоми «Равзанаи ягона» барои бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ дар назди Кумитаи андоз, «Равзанаи ягона» барои пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ дар назди Кумитаи сохтмон ва меъморӣ, таъсиси КВД «Бақайдгириии молу мулки ғайриманқул» дар назди Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ дар заминаи муттаҳидсозии КВД «Марказ-Замин» ва КВД «Хоҷагии манзилию комуналӣ» бо ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягона» барои бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул, таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи гарави амволи манқул» дар доираи фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Бонки миллӣ, ислоҳоти татбиқшуда дар самти кам кардани шумораи андозҳо ва соддагардонии маъмурикунонии андоз, низоми «Равзанаи ягона» барои барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар назди Хадамоти гумрук ҳамчун ислоҳоти назаррас арзёбӣ гардиданд.

Бояд қайд кард, ки ҳайати мутахассисони Бонки Ҷаҳонӣ ва гурӯҳи ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ ба ислоҳот ва дастовардҳои мамлакат дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, инчунин фаъолияти сохторҳои давлатӣ дар раванди амалигардонии ислоҳоти мазкур баҳои баланд доданд.

Ҳамзамон, дар натиҷаи конфронсҳои видеоӣ байни кормандони Котиботи Шӯрои машваратӣ бо коршиносони ҳайати ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" масъалаи арзёбии натиҷаҳои ислоҳот дар ин самт баррасӣ гардида, қарор карда шуд, ки руйхати респондентҳои ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи ҳамкории самаранок бо ҳайати мутахассисони Бонки Ҷаҳонӣ ва гурӯҳи ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ ва татбиқи ислоҳоти бомаром дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ва ба роҳ мондани ҳамкории самаранок бо мутахассисони Бонки Ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" барои соли 2015 бори сеюм ҳамчун мамлакати беҳтарини ислоҳотгари ҷаҳон эътироф гардид. Дар Мизи мудаввар оид ба муаррифии натиҷаҳои ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 18 декабри соли ҷорӣ дар Кохи Ваҳдат баргузор гардид, ҳамчун нишони эътирофи ислоҳоти назаррас оид ба беҳтар намудани шароити пешбурди соҳибкорӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон байни 189 кишвари ҷаҳон бо Шаҳодатномаи беҳтарин мамлакати ислоҳотгар аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ сазовор гардонида шуд. Ин ҷоиза эътимоди сармоягузорони хориҷиро барои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти мамлакат боз ҳам қавитар месозад.

## 2.2. Таҳия ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ

Самти дигари ислоҳот дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ислоҳот дар бахши сайёҳӣ мебошад. Тибқи супориши Раиси Шӯрои машваратӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур дода шуд, ки “якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва шарикони рушд бо ҷалби коршиносони соҳа оид ба масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гузаронида, натиҷаҳои он ба ҷаласаҳоиояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда шавад”.

Бо мақсади иҷрои супориши мазкур, гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ таъсис дода шуда, фаъолияти пурсамар намуд. Дар натиҷаи омӯзиш, таҳлили вазъи кунунӣ ва мушкилоти соҳа Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон бо тавсияҳои мушаххас ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои бахши сайёҳӣ ва дар асоси он лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид.

Модели номбурда аз се ҷанбаи асосӣ - маркетинг, дастрасӣ ва таҳияи маҳсулот иборат аст, ки онҳо дар навбати худ ба 10 қисми асосӣ, яъне тадқиқоти бозор, тарғибот ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, нигоҳдории тамос бо сайёҳон, нақлиёт ва сарҳадот, раводид, иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатҳо барои сайёҳон ва ширкатҳои сайёҳӣ, сабади маҳсулоти сайёҳӣ, сифати он, омӯзиш ва омору иттилооти соҳа тақсим мешаванд. Дар маҷмуъ модели номбурда 49 тавсияро оид ба рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон фаро гирифт.

Баъд аз муаррифии натиҷаҳои фаъолияти гурӯҳи кории байниидоравӣ дар ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ тибқи супориши Раиси Шӯрои машваратӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо вазорату идораҳои марбута мувофиқа гардида, ба баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод карда шуд.

Қобили зикр аст, ки Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши

сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, таҳти №301 тасдиқ гардид.

Тибқи пешгӯии коршиносон, интизор меравад, ки татбиқи пурраи Нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ саҳми мустақими ин бахшро дар Маҷмуи Маҳсулоти Дохилии кишвар то соли 2020 то ба 5 фоиз ва саҳми ғайримустақими онро барои рушди соҳаҳои дигари иқтисодиёт то 15 фоиз мерасонад.

## 2.3. Ташкил ва гузаронидани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон дар таърихи 14 октябри соли 2014

Бо мақсади иҷрои супориши Президенти мамлакат, Раиси Шӯро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратӣ, аз ҷониби Котиботи Шӯро якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ корҳои назаррас анҷом дода шуданд.

Ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва гузаронидани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон лоиҳаи ҳайати Кумитаи тадорукот оид ба ташкил ва гузаронидани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ таҳия гардида, 14 июли соли 2014 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Кумитаи тадорукот таҳти сарварии Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷиҳати баргузор намудани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ дар сатҳи баланд як қатор корҳои муҳимро ба анҷом расонид.

Аз ҷумла, лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба ташкил ва гузаронидани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорону сармоягузорон, лоиҳаи Консепсияи гузаронидани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ ва Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории “Душанбе-2014” таҳти унвони «Соҳибкорӣ - муҳаррики иқтисодиёт», маводҳои тарғиботию ташвиқотӣ вобаста ба чорабиниҳои қайдгардида таҳия ва тавассути васоити ахбори омма таблиғ карда шуданд.

Ҷиҳати омодагӣ ба мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон аз ҷониби Котиботи Шурои машваратӣ вазъи рушди соҳибкорӣ дар мамлакат таҳлил карда шуд.

Ҳамзамон, вобаста ба мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорону сармоягузорон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор бо соҳибкорону сармоягузорон дар вилоятҳо ва минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз

ҷумла вилоятҳои Хатлон, Суғд, водии Рашт, ноҳияҳои тобеи марказ вохӯриҳо доир намуда, фикру андешаҳои онҳо дастрас карда шуд.

14 октябри соли 2014 дар Маҷмааи давлатии Кохи Борбади шаҳри Душанбе мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон ва сармоягузорон доир гардид, ки дар он зиёда аз 2 ҳазор соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию бурунмарзӣ, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, бонкҳои ҷумҳурӣ, ҷамъиятҳои хоҷагидор, олимону коршиносони варзида, роҳбарони вазорату идораҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ иштирок намуданд.

Дар мулоқот аз ҷониби Сарвари давлат таҳлили муфассали фазои сармоягузориву соҳибкорӣ пешниҳод гардид. Зимни суханронии худ Президенти мамлакат таваҷҷуҳи ҳозиринро ба ҳадафҳои ташкили мулоқоти мазкур, аз ҷумла тақвият бахшидан ба ислоҳот ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахшҳои саноати миллӣ, навсозии техникиву технологии корхонаҳои саноатӣ, коркарди пурраи ашёи хоми маҳаллӣ, истеҳсоли маҳсулоти тайёри рақобатпазири ҷавобгӯи стандартҳои байналмилалӣ, рушди имкониятҳои содиротии мамлакат, мусоидат намудан ба ҷалби бештари сармоягузориҳо, дарёфти сарчашмаҳои афзалиятноки маблағгузориҳои дарозмуддати сармоягузорӣ, инчунин мубодилаи иттилоот, робита ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ҷиҳати тавсеаи ҳамкории соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ, муайян намудани самтҳо ва роҳҳои асосии васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ бо мақсади дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди саноат дар самти коркарди ашёи хоми ватанӣ ҷалб карда, тадриҷан татбиқ намудани ҳадафҳои мазкурро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим арзёбӣ намуданд. Президенти ҷумҳурӣ роҷеъ ба натиҷаҳои ислоҳоти татбиқшуда, беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва нақши муассири бахши хусусӣ дар ин раванд, ободонӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар ибрози назар намуда, алоқамандӣ ва таваҷҷуҳи хоссаи худро ба таҳким бахшидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ таъкид намуданд.

Ҳамзамон, Президенти мамлакат барои саъю талошварзиҳои соҳибкорону аҳли тиҷорат ҷиҳати устувор намудани асосҳои иқтисодии истиқлолияти давлат, бунёди корхонаву муҳайё намудани ҷойҳои корӣ, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ, дастгирии эҳтиёҷмандону ниёзмандон, ободу зебо гардонидани диёри барои ҳар фарди бонангу номуси миллат муқаддас миннатдорӣ баён намуда, изҳори итминон карданд, ки тоҷирону соҳибкорон бо дарки масъулият ва номусу шарафи ватандорӣ дар рушду пешрафт ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми ҷумҳурӣ саҳми босазо хоҳанд гузошт.

Баъди анҷоми суханронӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба суолу дархостҳои сершумори соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию бурунмарзӣ посуххои қаноатманд доданд.

Дар суханронии худ соҳибкорон аз роҳбарияти ҳукумату давлат дар самти дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ изҳори сипос намуда, ҳамзамон ҷиҳати вусъат бахшидани равандиислоҳоти иқтисодӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ андешаҳои худро баён намуданд.

Аз натиҷаи мулоқоти Президенти мамлакат бо соҳибкорону сармоягузорон, Нақшаи чорабиниҳои он аз 31 октябри соли 2014 тасдиқ карда шуд, ки аз тарафи вазорату идораҳои ҷумҳурӣ мавриди татбиқ қарор дода мешавад.

### 2.4.Ташкил ва гузаронидани Форуми иқтисодию сармоягузории Душанбе-2014 таҳти шиори "Соҳибкорӣ –муҳаррики иқтисодиёт" дар таърихи 15 октябри соли 2014

Дар доираи мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон рӯзи 15-уми октябри соли ҷорӣ дар бинои Китобхонаи милли Тоҷикистон бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории "Душанбе-2014" таҳти унвони «Соҳибкорӣ –муҳаррики иқтисодиёт» баргузор гардид.

Ҳадафи асосӣ аз баргузории ин Форум, ҷалби бештари сармоягузориҳо ба иқтисодиёти миллӣ, инчунин ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва шарикӣ дар байни соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, инфрасохтор, фаъолияти бонкӣ, молия, кишоварзӣ ва сайёҳӣ, ки ба навсозии техникиву технологии корхонаҳои саноатӣ, коркарди пурраи ашёи хоми маҳалӣ, истеҳсоли маҳсулоти тайёри рақобатпазиру ҷавобгӯи стандартҳои байналмилалӣ ва рушди имкониятҳои содиротии мамлакат равона карда шудааст, ба ҳисоб рафта, дар он беш аз 500 нафар соҳибкорону сармоягузорони ватанию бурунмарзӣ, намояндагони як қатор ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Бонки Ҷаҳонӣ, Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ, Бонки Исломии Рушд, Бонки Осиёии Рушд, намояндагони дипломатии кишварҳои дунё, олимону коршиносони варзида, корхонаҳо ва ҷамъиятҳои хоҷагидори пуриқтидор, роҳбарони як қатор мақомотҳои давлатӣ иштирок намуданд.

Дар Форум Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуда, баргузории Форумро, ки намояндагони Ҳукумати мамлакат, ташкилотҳои байналмилалӣ, доираҳои коршиносон, сармоягузорону соҳибкоронро аз мамолики ҷаҳон ва аҳли тиҷорату соҳибкорони ватаниро ба ҳам гирд овард, дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон руйдоди ниҳоят муҳим арзёбӣ карданд.

Дар маросими ифтитоҳи чорабинӣ инчунин Масару Хонма - Директори минтақавии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд оид ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, Си Си Ю - Намояндаи доимии Бонки Осиёии Рушд дар Тоҷикистон, ҷаноби Фредерик Лоб - Директори кулли

ширкати «Шиевер Тоҷикистон», Павел Лавров - директори кулли Ҷамъияти саҳомии кушодаи “НБО Сангӯда-1” ва Чен Ин Сян – роҳбари ширкати саноати куҳии Тоҷикистону Хитой суханронӣ намуданд.

Сипас кори форум дар бахши пленарии “Тоҷикистон-стратегияи рушди соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва тиҷорат” бо суханронии Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид идома дода шуд.

Ҳамчунин, кори форум дар 5 бахши алоҳида ба роҳ монда шуда, дар ин бахшҳо иштирокчиёни форум вобаста ба мавзуъҳои умумии «Рушди низоми устувори молиявӣ», “Сармоягузориҳо ба бахши энергетика”, “Рушди соҳаҳои саноат ва хизматрасонӣ тавассути соҳибкорӣ”, «Сармоягузориҳо ба коммуникатсияҳои нақлиётӣ», «Имкониятҳо ва бартариятҳои рақобатии соҳаи агробизнес» маърӯза ва баромадҳои худро пешниҳод намуданд.

Форум таҳти роҳбарии умумии Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид баргузор карда шуда, дар раванди он чор ёддошти тафоҳум ба имзо расонида шуданд ва дар анҷоми форум натиҷаҳои кор ҷамъбаст гардида, изҳороти Форум қабул карда шуд, аз ҷумла:

- Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи метаноли Сингапур оид ба ҳамкорӣ ва шарикӣ.
- Ёддошти ҳамкорӣ байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи ҷамъиятҳои тиббӣ оид ба сифати Федератсияи Россия вобаста ба рушди системаи таҳсилоти тиббӣ тибқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ.
- Ёддошти тафоҳум байни Корхонаи воҳиди давлатии Корхонаи Алюминии Тоҷик ва Ширкати Глинкор Интернешнл Швейтсария дар бораи ба роҳ мондани ҳамкориҳо.
- Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дафтари Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) оид ба ташкили бизнес – инкубаторҳо.

## 2.5. Рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ

Ҷиҳати рушди муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар назди раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, водии Рашт, ноҳияи Фархор, шаҳрҳои Кӯлоб, Истаравшан, Исфара ва Панҷакент фаъолият менамоянд.

Дар соли ҳисоботӣ шӯроҳои минтақавӣ дар самти фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармоя ба иқтисодиёти шаҳру ноҳияҳо ислоҳотро пайгирӣ карда, натиҷаҳои онро дар маҳалҳо арзёбӣ намуданд.

Дар ин радиф, фаъолияти шӯроҳои минтақавӣ дар заминаи таҷрибаи самараноки Шӯрои миллӣ ба роҳ монда шуда, масъалаҳое, ки дар доираи салоҳияти шӯроҳои минтақавӣ баррасӣ карда намешаванд, барои баррасӣ ба Шӯрои миллӣ пешниҳод карда мешаванд.

- **Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

6 августи соли 2014 Ҷаласаи VI Шӯрои машваратии назди Раиси ВМКБ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ гирифтанд:

- Гузориш оид ба рафти иҷрои нақшаи чорабинии ҷаласаи 5-уми Шӯро (Рушди туризм);
- Таҳлили вазъ, хулоса ва пешниҳодҳо оид ба рушди савдои миёнмарзӣ дар ВМКБ;
- Омодагӣ ба форуми «Помиринвест 2014;
- Пешниҳод ва муҳокимаи таклифҳо оид ба масъалаи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро.

Дар хотимаи ҷаласа аз ҷониби Раисикунандаи ҷаласаи Шӯрои машваратӣ, муовини Раиси вилоят, муҳтарам Исроров Исрор бо назардошти муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа ба намояндагони масъули мақомоти давлатӣ, супоришу тавсияҳои дахлдор дода шуд.

- **Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон**

Дар таърихи 18 июли соли 2014 ҷаласаи панҷуми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Раиси вилояти Хатлон баргузор гардид. Дар ҷаласа масъалаҳои мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтанд:

- Гузориш оид ба иҷрои қарорҳои ҷаласаи чорум ва фаъолияти кории котиботи Шӯрои машваратӣ;
- Баррасии тавсия ва пешниҳодоти гурӯҳҳои корӣ оид ба андоз ва ҳисоботдиҳии оморӣ дар мавзуи "Раванди дар амал татбиқ шудани Кодекси андоз дар таҳрири нав";
- Муҳокимаи пешниҳоду дархости соҳибкорон барои омӯзиш ва баррасӣ дар ҷаласаи шашуми Шӯрои машваратӣ;
- Тасдиқи нақшаи фаъолияти Шӯрои машваратӣ барои нимсолаи дуюми соли 2014.

Дар доираи ҷаласаи панҷуми Шӯрои машваратии назди Раиси вилояти Хатлон, ҷиҳати иҷрои протоколи ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дархосту муроҷиати иттиҳодияҳои соҳибкорони вилояти Хатлон, қарор қабул карда шуд, ки нимаи дуюми соли 2014, дар самти дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти миллӣ фаъолиятро ба роҳ монанд. Дар ин замина дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои дахлдор ва дастгирии шарикони рушд се гурӯҳи корӣ вобаста ба масъалаҳои маъмурикунонии андоз ва ҳисоботсупорӣ дар фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, танзим ва истифодаи замин аз ҷониби истеҳсолкунандагони маҳсулоти миллӣ, дастрасӣ ба манбаъҳои молиявӣ барои соҳибкории истеҳсолӣ, таъсис дода шуд. Пешниҳодоти гурӯҳҳои корӣ оид ба бартараф намудани мушкилот дар ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратӣ мавриди баррасӣ ва қабули тавсияҳо ба сохторҳои дахлдор сурат мегирад.

Инчунин аз рӯи натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои кории Шӯро ва тавсияҳои қабулгардидаи Шӯрои минтақавии вилояти Хатлон, дар ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, гузориши Раиси Шӯрои минтақавии вилояти Хатлон ба нақша гирифта шудааст.

Санаи 26 декабри соли 2014 ҷаласаи шашуми Шӯрои машваратии назди Раиси вилояти Хатлон оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтанд:

1. Гузориши Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ оид ба рафти иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои Шӯро ва масъалаҳои ҷорӣ (муҳокимаи фаъолияти Котиботи Шӯро).
2. Ҳисоботи сардори Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии вилояти Хатлон Мусоев С.А. оид ба «Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015».
3. Баррасӣ ва тасдиқ намудани нақшаи кории Шӯрои машваратӣ барои нимсолаи якуми соли 2015.
4. Баррасӣ ва тасдиқ намудани рӯзномаи ҷаласаи ҳафтуми Шӯрои машваратӣ.

Дар хотимаи ҷаласа аз ҷониби Раисикунандаи ҷаласаи Шӯрои машваратӣ, муовини Раиси вилоят, Р. Раҷабов бо назардошти муҳокимаи масъалаҳои рузномаи ҷаласа ба намояндагони масъули мақомоти давлатӣ супоришу тавсияҳои дахлдор дода шуд.

### ▪ Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Суғд

Дар таърихи 19 апрели 2014 ҷаласаи V Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Раиси Вилояти Суғд баргузор гардид. Дар ҷаласа мавзуи “Таҳлили вазъ, хулоса ва

пешниҳодҳо оид ба татбиқи амалии Кодекси нави андоз дар вилояти Суғд” баррасӣ шуда, нисбат ба он пешниҳодҳои зерин манзур гардид.

- Мутобиқати санадҳои меъёрии аз ҷониби мақомоти андоз қабулшавандаро ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» таҳлил намуда, ҷиҳати бартараф намудани ихтилофҳо ва ба ҳам мувофиқ кардани онҳо тибқи тартиботи муқаррааргардида ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод омода карда шавад.
- Ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба содда намудани шакли ҳисоботи андоз ва чораандешӣ намудан нисбат ба амалҳои кормандони нозироти андоз, ки берун аз доираи муқаррароти Кодекси андоз дар вақти қабули ҳисобот рӯи кор меояд, пешниҳодот таҳия ва манзур карда шавад.
- Масъалаи мукаммалнамоии асосҳои сатҳи хавфнокӣ ва дар асоси онҳо ба роҳ мондани санҷишҳои андозӣ таҳлил карда шавад ва барои ба Кодекси андоз ворид намудани тағйироти зарурӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур гардад.
- Лоиҳаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз бо асосноксозии иқтисодию ҳуқуқӣ таҳия ва тибқи тартиби муқаррарнамуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
- Масъалаи мутобиқгардонии қонунҳои зикршуда мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҷиҳати бартараф намудани мухолифати ҷойдошта мутобиқи тартиботи муқаррааргардида ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод омода карда шавад.
- Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи донишҳои соҳибкорон ва кормандони нозироти андоз ҷиҳати баргузор намудани семинар - тренингҳои иттилоотӣ тадбирҳо андешида шавад.
- Ҷиҳати татбиқи барасмиятдарории хариду фурӯши нақлиёт ба таври нотариалӣ ва ба буҷет ворид намудани маблағҳои аз ҳисоби он ба дастомада тадбирҳо андешида шавад.
- Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007 таҳти №546 барои истифодаи ҷангал ситонидани тамоми пардохтҳо чораҷӯӣ карда шавад.
- Оид ба ҷорӣ намудани андоз барои моликияти бо арзиши зиёда аз 1 млн. сомонӣ бо меъёри 0,5% пешниҳод омода ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзуркарда шавад.
- Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар қисми андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми воридоти нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва тухмиҳои

хушсифат) омода ва ба сохторҳои дахлдор таклиф пешниҳод карда шавад.

- Оид ба барҳам додан ва бо андоз аз арзиши иловашуда иваз кардани андози фурӯш омода ва ба сохторҳои дахлдор пешниҳод манзур карда шавад.

Дар хотимаи ҷаласа дар асоси пешниҳодҳои мазкур нақшаи чорабиниҳо қабул карда шуда, барои татбиқи он ба намояндагони масъули мақомоти давлатӣ супоришу тавсияҳои дахлдор дода шуд.

### ▪ Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар шаҳри Кӯлоб

1 октябри соли 2014 ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар шаҳри Кӯлоб гузаронида шуд, ки дар он масъалаҳои зерини фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ баррасӣ гардиданд:

- Маълумот оид ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ дар соли равон (Гузориши мухтасари мудири шӯъбаи иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр Хӯҷамқулов Абдураззоқ);
- Муаррифии барномаи бозомӯзии 3 ҳазор кишоварзон, аз ҷумла 1500 нафар занон дар доираи шартномаи байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва Ташкилоти ҷамъиятии "Нексигол Мушовир" (Муаррифӣ аз ҷониби роҳбари Ташкилоти ҷамъиятии "Нексигол Мушовир" Сулейманова Маҳинахон);
- Таклифу пешниҳоди аъзои Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар гардонидани фаъолияти Шӯрои машваратии назди Раиси шаҳри Кӯлоб оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ (Пешниҳоди таклифу дархостҳои аъзои Шӯрои машваратӣ);
- Масъалаи ташкилӣ, интихоби аъзои нави Шӯрои машваратӣ.

Дар анҷоми ҷаласа вобаста ба масъалаҳои баррасишуда ба мақомоти дахлдори ҳокимияти маҳалӣ, шарикони рушд ва бахши хусусӣ тавсияву супоришҳои зарурӣ дода шуданд.

### ▪ Шӯрои машваратӣ оид ба рушди иқтисодии шаҳри Исфара

Давоми соли 2014 дар доираи рисолати худ Шӯрои машваратии назди Раиси шаҳри Исфара оид ба рушди иқтисодӣ корҳои муайянеро ба иҷро расонид.

Дар семоҳаи аввали соли 2014 силсилаи вохӯриҳои аъзои Шӯрои машваратӣ бо сарварии муовини Раиси шаҳри Исфара оид ба иқтисодиёт, муовини раиси Шӯрои машваратии назди раиси шаҳр оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ якҷоя бо роҳбарони сохтору мақомотҳои дахлдори соҳа (шӯъбаи иқтисод ва савдо, бахши сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, шӯъбаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ, АДСИН, Тоҷикстандарт, кумитаи заминсозӣ, СЭС, бахши ҳифзи муҳити

зист, нозироти андоз, идораи сӯхторнишонӣ) бо соҳибкорони деҳоти Навгилем, Кӯлканд, Чилгазӣ, Лаккон, Шаҳрак ва Сурх баргузор гардид.

Ҳадаф аз ташкил ва гузаронидани ин вохӯриҳо, ки таҳти шиори «Гуфтугӯйи рӯ ба рӯ» сурат гирифт, мусоидат ҷиҳати беҳтар намудани раванди ҳамкорӣ дар самти шарикии давлат ва бахши хусусӣ, беҳбуди фазои соҳибкорӣ, дуруст ва босамар ворид намудани сармоя, ҷалби бевоситаи бахши хусусӣ дар бартарафсозии мушкилотҳои мавҷудаи шаҳр ва дар ин замина, муҳайё намудани шароити мусоид барои истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда буданд.

Дар заминаи Шӯрои машвартӣ бо мақсади интишори маълумот ва иттилоотҳои зарурӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ “Махзани ягонаи иттилоотӣ” таъсис ва ба ихтиёри тамоми соҳибкорон ва корхонаву шахсони ҳавасманд вогузор карда шудааст. Дар махзани мазкур, тамоми қонуну санад ва меъёрҳои амалкунандаи соҳибкорӣ, маълумот оид ба лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва ташкилотҳои ҳамкор ҷой дода шудааст, ки ҳамагон метавонанд аз онҳо озодона истифода баранд. Дар махзани Шӯро маълумотҳо оид ба корхонаву соҳибкорони гуногуни хориҷиву бурунмарзӣ қарор дорад, ки барои ҳамкорӣ ва пешбурди фаъолияти муштарак ба соҳибкорони ватанӣ мусоидат намуда метавонанд.

27 октябри соли 2014 дар тарабхонаи «Сомон» мизи мудаввар бо иштироки аъзои Шӯрои машваратии назди раиси шаҳр оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо сарварии раиси шаҳр ва Раиси Шӯрои машваратӣ муҳтарам Зоҳидзода Д. А. ва 30 нафар соҳибкорзанони шаҳри Исфара, роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, раиси суди шаҳри Исфара Абдуллозода А.М., прокурори шаҳр Муҳаммадӣ И.С., муовини директори генералии саридораи бонки Қарздиҳии «Имон интернейшнл» Махкамова Г. ва роҳбарони воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр дар мавзуи «Самараҳо ва дурнамои рушди соҳибкорӣ дар байни бонувони шаҳри Исфара» баргузор гардид.

Қайд гардид, ки мувофиқи маълумотҳои оморӣ алҳол дар Исфара 3532 адад субъектҳои соҳибкорӣ дар байни занон ба қайд гирифта шудааст ва ин нишондод 30 фисади шумораи умумиро ташкил медиҳад.

Саҳми соҳибкорзан Исмадова Салима дар ташкили корхонаҳои хурди ҳунармандӣ, дузандагӣ ва ҷалби занони хонашин ба меҳнати фаъоли ҷамъиятӣ қайд карда шуд. Дар озмуни Ассосиатсияи миллии занҳои соҳибкор аз рӯйи шаш машғулият дар номгӯйи «Истеҳсолот» сазовори ҷойи аввал ва мушарраф гаштанаш ба номи «Бонуи соҳибкори сол-Фараҳ-2014» табрик ва қадршиносӣ кард.

Вобаста ба масоили ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли онҳо дар бахши соҳибкории бонувон байни иштирокчиён ва масъулини соҳаҳои дахлдор суолу ҷавоб сурат гирифта, таклифу пешниҳодҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Пас аз мулоқот тавсияҳои зерин дода шуд:

1. Раиси кумитаи идораи замин Маҳсудов С., сармеъмори шаҳр Фаттоев М. ҷиҳати ҷудо намудани қитъаҳои замин барои сохтмони иншоотҳои

хизматрасонӣ ва савдо, рушди соҳаи кишоварзӣ ба соҳибкорон дар муҳлатҳои кутоҳтарин тариқи «Равзанаи ягона» мусоидат намоянд.

2. Шӯрои машваратии назди раиси шаҳр оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, фароҳам овардани шароити мусоид ба соҳибкорзанон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва касбии соҳибкорзанон, ташкили курсҳои таълимӣ-касбомӯзӣ ва таъсиси Маркази захиравӣ  мусоидат намояд.
3. Сардори раёсати маориф Икромов А. барои таъсиси мактабҳои хусусӣ, баланд бардоштани дараҷаи дарсазхудкунии хонандагон ва дониши хонандагон, ташкили мусобиқаҳои меҳнатӣ байни мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии давлатӣ ва хусусӣ, ташкили олимпиада ва озмунҳои фаннӣ дар байни хонандагони мактабҳо чораандешӣ намояд.
4. Мудири бахши кор бо занон ва оила Ҳамроева Г. ҷиҳати ҷалби занону духтарон ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва гурӯҳӣ ташкили омӯзиш дар курсҳо ва маҳфилҳои ҳунарҳои халқӣ, аз ҷумла қолинбофӣ ва адрасбофӣ, сӯзанидӯзӣ, тақвият бахшидани ҳамкории судманд бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва иқтисодии занону духатрон, пешниҳоди лоиҳаҳо барои гирифтани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раиси вилояти Суғд тадбирҳо андешанд.

Қарор шуд, ки дар ҷаласаи навбатии Шӯро, ки охирҳои семоҳаи аввали соли 2015  баргузор мегардад, масъалаҳои “Таҳлили ҳолати пардохти кӯмакҳои иҷтимоӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибкорони инфродӣ” ва “Ҳолати воқеии корхонаҳои коркард ва содироткунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳру деҳоти Исфара”-ро баррасӣ намоянд.

**Ҷадвали 1.**

**Маълумот дар бораи ҷаласаҳои Шӯрои машваратии назди Раиси шаҳри Исфара оид ба рушди иқтисодӣ дар соли 2014**

| Р\б | Санаи баргузории чорабинӣ | Макони баргузории ҷаласа | Рӯзномаи ҷаласа | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | 11.02.2014 | Толори ҷамоати деҳоти Навгилем | Гуфтугӯйи рӯ ба рӯ | |
| 2. | 11.02.2014 | Толори ҷамоати деҳоти Кӯлканд | Гуфтугӯйи рӯ ба рӯ | |
| 3. | 12.02.2014 | Толори ҷамоати деҳоти Чилгази | Гуфтугӯйи рӯ ба рӯ | |
| 4. | 12.02.2014 | Толори ҷамоати деҳоти Лаккон | Гуфтугӯйи рӯ ба рӯ | |
| 5. | 18.02.2014 | Толори ҷамоати деҳоти Шаҳрак | Гуфтугӯйи рӯ ба рӯ | |
| 6. | 18.02.2014 | Толори ҷамоати | Гуфтугӯйи рӯ ба рӯ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | деҳоти Сурх | | |
| 7. | 27.10.2014 | Тарабхонаи «Сомон» | Самараҳо ва дурнамои рушди соҳибкорӣ дар байни бонувони шаҳри Исфара | |

**Сарчашма: Котиботи Шӯрои машваратии назди раиси шаҳри Исфара оид ба рушди иқтисодӣ**

Тавре аз маълумоти ҷадвали боло бармеояд, дар соли 2014 дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратии назди Раиси шаҳри Исфара оид ба рушди иқтисодӣ 7 ҷаласа доир гардид, ки дар он масъалаҳои мубрами фазои сармоягузорию соҳибкории шаҳр мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд.

- **Шӯрои машваратӣ оид ба рушди иқтисодии шаҳри Панҷакент**

Шӯрои машваратӣ оид ба рушди иқтисодии шаҳри Панҷакент дар соли 2014, 8 ҷаласа доир намуда, дар рафти онҳо масъалаҳои мубрами рушди иқтисодӣ ва фазои сармоягузорию соҳибкории шаҳрро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Аз ҷумла 16 январи соли 2014 ҷаласаи 4-уми Шӯро баргузор гардид, ки дар он рафти масъалаи таҷдиди сохтори хоҷагиҳои кишоварзӣ баррасӣ карда шуд. Қайд гардид, ки дар шаҳри Панҷакент айни замон аллакай 70%- и хоҷагиҳои калон ҳамчун хоҷагиҳои хурд таҷдид карда шуда, ин раванд идома ёфта истодааст. Дар анҷоми ҷаласа вобаста ба масъалаи баррасшуда аз тарафи раиси Шӯро ба мақомоти дахлдори ҳокимияти маҳаллӣ супоришҳои дахлдор дода шуданд.

Ҷаласаи 5-уми Шӯрои машваратӣ оид ба рушди иқтисодии шаҳри Панҷакент11-уми марти соли 2014 доир шуда, дар он масъалаи таҳлили фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Қайд карда шуд, ки дар натиҷаи рушди сайёҳии дар ҷамъиятҳои маҳаллӣ асосёфта дар шаҳр ва ноҳияву деҳоти атрофи он солҳои охир миқдори меҳмонхонаҳои маҳаллӣ барои қабули сайёҳон зиёд шуданд. Аммо басташавии шоҳроҳи Самарқанд-Панҷакент ба камшавии шумораи сайёҳони хориҷӣ ба шаҳри Панҷакент оварда расонида самараи рушди сайёҳии дар ҷамъиятҳои маҳаллӣ асосёфтаро паст намуд.

Дар анҷоми ҷаласа ҷиҳати ҳалли ин масъала ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат намудан мувофиқи мақсад арзёбӣ гардид.

Ҷаласаи навбатии 6-уми Шӯрои машваратӣ оид ба рушди иқтисодии шаҳри Панҷакент 14 майи соли 2014 доир шуд. Дар рафти он масъалаи таҳлили фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ дар шаҳри Панҷакент мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Аз ҷумла қайд гардид, ки самаранокии фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои хурди

қарздиҳӣ дар шаҳр паст буда, ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ мусоидат намекунад. Зеро қарзҳои пешниҳодшаванда бо фоизҳои ниҳоят гарон (24-32%) ва ба муҳлати кам дода мешаванд, ки ба соҳибкории истеҳсолӣ номувофиқ мебошад. Аз ин лиҳоз дар анҷоми ҷаласа вобаста ба масъалаи баррасшуда аз тарафи раиси Шӯро ба мақомоти дахлдори ҳокимияти маҳаллӣ, бонкҳо ва ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ супоришҳои дахлдор дода шуданд.

20 июни соли 2014 ҷаласаи 7-уми Шӯрои машваратӣ оид ба рушди иқтисодии шаҳри Панҷакент баргузор гардид, ки дар он масъалаи таъминоти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолӣ бо оби полезӣ баррасӣ карда шуд.

Қайд шуд, ки вобаста ба ҳалли масъалаи мазкур нисбатан ба соли пеш беҳбудӣ ба назар мерасад. Аммо бо вуҷуди ин баъзе камбудиҳо ҳоло ҳам ҷой дошта, масъалаи мазкур бояд таҳти назорат гирифта шавад.

16 август соли 2014 ҷаласаи 8-уми Шӯрои машваратии назди Раиси шаҳри Панҷакент баргузор гардида, дар он рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатдиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷумла қайд карда шуд, ки аз тарафи мақомоти давлатии иҷозатдиҳӣ ягон монеа эҷод карда намешавад. Бо мақсади дастрас ва шаффоф намудани расмиёти гирифтани иҷозату иҷозатномаҳо аз тарафи мақомоти иҷозатдиҳӣ мунтазам рӯзҳои алоҳида барои пешниҳоди иҷозатҳо муқаррар карда мешаванд. Соли ҷорӣ се маротиба чунин рӯзҳо муқаррар шуданд ва соддагардонии расмиёти мазкур ҳоло ҳам идома идорад.

Санаи 18 сентябр ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратӣ гузаронида шуд, ки дар он масъалаи ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти шаҳр баррасӣ карда шуд. Аз ҷумла миннатдорӣ барои сохтмони роҳи Айнӣ-Панҷакент-сарҳади Узбекистон ба 100 млн. доллар, ки айни замон идома дорад, баён карда шуд. Қайд карда шуд, ки дар шаҳри Панҷакент як қатор намояндагиҳои хурди ташкилотҳои байналмилалӣ дар самти дастгирии иҷтимоӣ фаъолият менамоянд. Инчунин ду корхонаи муштарак "КМ Зарафшон" ва "Бротекс-сурма" бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар самти саноати истихроҷ фаъолият мекунанд. Дар анҷоми ҷаласа вобаста ба масъалаи баррасигардида ба мақомоти дахлдор, шарикони рушд ва бахши хусусӣ супоришу тавсияҳои зарурӣ дода шуданд.

23 ноябри соли 2014 ҷаласаи навбатии 10-уми Шӯрои машваратӣ баргузор гардид, ки дар он натиҷаи мониторинги Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2011-2015 баррасӣ карда шуд. Аз ҷумла қайд карда шуд, ки бо вуҷуди ба охир нарасидани муҳлати татбиқи барномаи мазкур он дар маҷмуъ татбиқ шуда истодааст. Аз ин лиҳоз дар анҷоми ҷаласа ба мақомоти дахлдор супориш дода шуд, ки дар давоми соли 2015 барои пурра татбиқ намудани Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2011-2015 тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

- **Шӯрои машваратии назди Раиси ноҳияи Фархор оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ**

Шӯрои машваратии назди Раиси ноҳияи Фархор оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣдар соли 2014 2ҷаласаи худро гузаронида, инчунин аз тарафи Раиси Шӯро 4 маротиба вохӯриҳо бо соҳибкорони ноҳия гузаронида шудааст. Дар ин вохӯриҳо Раиси Шӯро бо соҳибкорон оид ба таъсиси корхонаҳои истеҳсолии коркарди шир, корхонаи истеҳсолии коркарди меваю сабзавот, сохтмони Чойхонаи миллӣ ва ошхонаю меҳмонхонаҳо пешниҳодҳо намуда буданд. Соҳибкорон ваъда доданд, ки дар сурати аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҷудо намудани замин пешниҳодҳоро татбиқ менамоянд.

Пешниҳоди Раиси Шӯро ҷиҳати сохтмони Чойхонаи миллӣ аз тарафи соҳибкор Шарипов Анвариддин ба маблағи 1,5 миллион сомонӣ дар ҳудуди боғи фарҳангӣ-фароғатии ноҳия дастгирӣ ёфта, сохтмонаш ба охир расидааст ва айни ҳол масъалаҳои таъминоти барқ ҳаллу фасл шуда истодааст.

Шӯрои машваратии назди Раиси ноҳияи Фархор оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои ҷалб кардани соҳибкорон ҷиҳати сохтани корхонаҳои хурду миёна ташкили ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ноҳия тамоми чораҳои заруриро андешида истодааст.

Пешниҳод карда шудааст, ки бо мақсади боз ҳам равоҷу равнақ ёфтани соҳибкории хурду миёна дар ноҳия тибқи қарордоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Давлати Исломии Афғонистон ҷиҳати ташкил кардани минтақаи озоди иқтисодӣ дар мавзеи Кокули ноҳия ва ҳалли масъалаи сохтмони купруки дарёи Панҷ, ки Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карда буданд, тезонида шавад.

Ин барои дар ноҳия ва умуман минтақаи Кулоб ба ташкил додани садҳо ҷойҳои нави корӣ мусоидат хоҳад кард.

- **Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар водии Рашт**

21 июни соли 2014, дар ноҳияи Рашт, таҳти раёсати Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар водии Рашт - Қодири Қосим ҷаласаи дуюми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар водии Рашт баргузор гардид.

Ҷаласаро Раиси Шӯрои минтақавӣ - Қодири Қосим оғоз намуда, аз ҷумла иброз доштанд, ки дар муддати нуҳ моҳи фаъолият Шӯро барои расидан ба нияту ҳадафҳои худ корҳои муҳимро ба сомон расонида истодааст, аз ҷумла 3 машваратҳои корӣ ва инак ҷаласаи дуюми Шӯро

доир гардида, дар онҳо масъалаҳои муҳими рушди минтақа, ки аз тарафи бахши хусусии соҳибкорӣ пешниҳод шудаанд, муҳокимаву баррасӣ гардиданд. Ҳамзамон, бо мақсади тарғибу ташвиқи табиати нотакрору афсункори диёр, дастрасӣ ба иттилооти бештар оид ба таърих, маданияту фарҳанги водӣ бо дастгирии молиявии САҲА сомона (веб-сайт) www.travelrasht.tj. таъсис дода шуд.

Дар ҷаласа котиби масъули Шӯро Зафар Ҳисориев ва аъзои нави Шӯро интихоб гардиданд.

Узви Шӯро роҳбари ширкати сайёҳии «Сайёҳ» Мирзошоҳ Акобиров натиҷаҳои таҳлилро дар мавзуи Рушди туризм дар Раштонзамин муаррифӣ намуд. Мавсуф қайд намуд, ки табиати афсункори водии Рашт, меҳмоннавозии хоссаи сокинон ва фарҳангу суннатҳои волои минтақа, ки аз ниёгони хеш ба мерос гирифтаанд, заминаи воқеии рушди соҳаи ҷаҳонгардӣ маҳсуб ёфта, барои боз ҳам густариш ва тавсеа бахшидани бахши сайёҳӣ шароит ва имкониятҳо муҳайё мебошанд.

Аз ҷониби Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар водии Рашт Қодири Қосим вобаста ба масъалаи рӯзномаи ҷаласаи оянадаи Шӯрои машваратӣ баррасии масъалаи беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ дар водии Рашт пешниҳод гардид.

Дар муҳокима ва баҳсу мунозираҳо вобаста ба ҳар як масъалаи дар ҷаласа баррасигардида раисони ноҳияҳои водии Рашт, намояндагони бахши хусусӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ибрози назар намуданд.

Дар хотимаи ҷаласа супориш дода шуд, ки вобаста ба масъалаи беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзии минтақаи Рашт таҳлил гузаронида, натиҷаҳои он ба ҷаласаи оянадаи Шӯро пешниҳод карда шавад.

## 2.6. Шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага (Конвенсияи Апостил) оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмӣ аз соли 1961

Масъалаи шомилшавии Тоҷикистон ба Конвенсияи мазкур дар ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратӣ мавриди барарсӣ қарор гирифта, тибқи супориши протоколии ҷаласаи мазкур санаи 29 октябри соли 2014 Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи Гаага ё худ Конвенсияи Апостил оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961-ро ба тасвиб расонд, ки ин барои ҷалби бештари сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад намуд.

Раванди шомилшавӣ қариб шаш моҳ идома ёфта ва дар натиҷаи он Ҷумҳурии Тоҷикистон расман узви 108 –уми ин Консвенсия эътироф карда мешавад, ки дар натиҷа корхонаҳову шаҳрвандони мамлакат аз самараҳои он бархурдор мегарданд.

Аз ҷумла, тибқи муқаррароти Конвенсия, ҳуҷҷатҳои сармоягузорони хориҷӣ дар Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои соҳибкорони Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷии ба он шомилшуда бе расмиёти дохилӣ эътироф карда шуда, инчунин барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар кишварҳои шомили Конвенсия содда ва камхарҷ мегардад.

Ин барои сарфа намудани вақту маблағ ва соддагардонии ҷараёни барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои сармоягузорони хориҷӣ ва соҳибкорони ватанӣ ҳангоми сармоягузорӣ ё фаъолияти соҳибкории онҳо, ҳамчунин фаъолияти меҳнатии муҳоҷирони тоҷик дар хориҷи кишвар мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ, шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага афзалиятҳои зиёд дошта, барои ҷалби бештари сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад намуд.

## 2.7. Ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тибқи супориши протоколии ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратӣ бо мақсади ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат Бонки миллии Тоҷикистон бо агентиҳои рейтингии бонуфузи ҷаҳонӣ Standard & Poor's ва Moody's ҳамкорӣ ба роҳ монда, дар ин самт корҳои назаррасеро анҷом додааст.

Аз ҷумла, коршиносони агентии Moody's моҳи октябри соли равон бо даъвати Бонки миллии Тоҷикистон ба Тоҷикистон ташриф оварда, бо вазоратҳову идораҳои иқтисодӣ мулоқотҳои корӣ анҷом доданд. Дар доираи барнома бо Вазорати молия, рушди иқтисод ва савдо, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази тадқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва БДА ҶТ "Амонатбонк" мулоқотҳои корӣ анҷом дода, вобаста ба қонунгузорӣ, вазъи низоми молиявӣ, самтҳои стратегии рушди Тоҷикистон ва дигар маълумоти зарурӣ дастрас намуданд.

Мутобиқи расмиёти анҷомшуда, моҳи ноябри соли ҷорӣ ширкати дуюм Standard & Poor's низ ташрифи шабеҳро анҷом дода аст. Дар барномаи он иловатан вохӯрӣ бо вазоратҳо, инчунин бо ҳайати баландпояи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаҳои сафоратҳо ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ низ ба инобат гирифта шуд.

Аз рӯи омӯзиш ва таҳлил мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон, ки тибқи дастур ҳамоҳангсозии робитаро бо ширкатҳои агентӣ доранд, мукотиба, муколама ва муҳокимаи корӣ давом дорад.

Тибқи тасмими Standard & Poor's ва Moody's дар моҳи феврали соли ҷорӣ лоиҳаи хулоса ва натиҷаи минбаъдаи корӣ ба ҷониби Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

## 2.8.Таҳия ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ бахши суғурта

Бо мақсади муайян намудани мушкилоти бахши суғурта ва дарёфти роҳҳои ҳалли он, ки яке аз самтҳои ислоҳот ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ маҳсуб меёбад, дар натиҷаи фаъолияти гурӯҳи кории байниидоравӣ дар назди Вазорати рушд ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳа, таҳлили ҳамаҷонибаи соҳа гузаронида шуд.

Таҳлили вазъи фаъолияти бозори суғурта нишон дод, ки ширкатҳои хусусии суғуртавӣ барои роҳ ёфтан ба бозори суғуртаи ҳатмӣ таваҷҷуҳи бештар доранд ва амалӣ шудани суғуртаи ҳатмиро танҳо аз ҷониби ширкатҳои давлатии суғуртавӣ, ҳамчун монеа ва маҳдудият барои рушд ва таъмин нагардидани рақобати солим дар бозори фаъолияти суғуртавӣ маҳсуб медонанд.

Рақобати солими байни ширкатҳои суғуртавӣ имкон фароҳам меорад, ки аз ҳисоби зиёд гардидани шумораи муштариён ҳаҷми ҷамъоварии маблағҳои ҳаққи суғуртавӣ бештар гардида, сатҳи хизматрасонӣ дар бозори суғуртавӣ боло равад ва дар баробари ин, шаклҳои нави хизматрасонӣ пайдо гардад.

Дар баробари ин, сатҳи имрӯзаи пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавии ҷумҳурӣ ҷавобгӯи талаботи муосир нест, зеро дар шароити зиёд гардидани шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, татбиқи лоиҳаҳои гуногунҳаҷми сармоягузорӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ, масъалаи суғуртакунонии фаъолият, ҳаёт, молу мулк ва ғайраҳо рӯз то рӯз ногузир гардида, аз ширкатҳои суғуртавӣ устувории молиявӣ ва кафолати пардохти саривақтии ҳолатҳои суғуртавиро дар ҳаҷмҳои гуногун тақозо менамояд.

Ҳамзамон, зарурати таҳкими мақоми назораткунандаи соҳаи суғурта ва тағйири низоми идоракунии он, баррасӣ гардидани дурустии суғуртакунонӣ аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ ҳамчун омилҳои рушди ин соҳа масъалагузорӣ карда шудаанд.

Коршиносон аз сабаби тобеъ будани Хадамоти давлатии назорати суғурта ба Вазорати молия ва аз маблағгузории давлатӣ вобаста будани фаъолияти сохтори марбута, низоми ҷойдоштаро мухолиф ба стандартҳои байналмилалии Принсипҳои Асосии Суғуртаи Ассотсиатсияи Байналмилалии Мақомоти Назораткунандаи Соҳаи Суғурта баҳодиҳӣ намуданд. Бинобар ин гурӯҳи кории байниидоравӣ пешниҳод намуд, ки бояд Хадамоти мазкур ба сохтори Бонки миллии Тоҷикистон ворид карда шавад. Ин ҳолат ба талаботи имкониятҳои молиявӣ ва иқтидори зеҳнӣ доштани мақоми назораткунандаи соҳаи суғурта барои амалигардонии фаъолияти назоратӣ бо мутахассисони баландихтисос низ мувофиқ мебошад.

Дар баробари ин бо мақсади мутобиқ намудани фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ ва сохтори танзимкунандаи соҳа ба талаботи

стандартҳои пешқадами байналмилалиии суғурта зарурати такмили қонунгузории танзимкунандаи бахши суғурта низ ба миён меояд.

Ҳамчун натиҷаи фаъолияти пурсамар Гурӯҳи кории байниидоравӣ ҳисоботро бо тавсияҳои мушаххас ва дар асоси он лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта таҳия намуда, ба ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратӣ пешниҳод кард.

Дар ҷаласаи мазкур ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуд, ки лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғуртаро мукаммал намуда, бо тартиби муқаррargардида ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Бояд қайд намуд, ки пас аз такмил ва мувофиқа бо вазорату идораҳои марбута Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта бо тартиби муқаррарградида ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод ва бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2014 тасдиқ карда шуд.

# 3. ОҒОЗИ ИСЛОҲОТ ДАР САМТҲОИ ГУНОГУН

Қайд намудан зарур аст, ки дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ дар давраи ҳисоботӣ якчанд ислоҳоти муҳим оғоз ёфтанд. Ин ислоҳот ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат ва дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ равона карда шудаанд, ки оид ба моҳият, мақсад ва вазъи ислоҳот дар бахшҳои минбаъдаи ҳисоботи мазкур маълумоти зерин пешниҳод карда мешавад.

## 3.1. Рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ

Ҷиҳати рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок дар ҷумҳурӣ, дар ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 13 декабри соли 2013 ба Бонки миллии Тоҷикистон барои гузаронидани таҳлил ва таҳияи пешниҳодҳо супориши дахлдор дода шуд.

Вобаста ба ин аз ҳисоби кормандони вазоратҳои молия, рушди иқтисодиёт ва савдо, Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Бонки миллӣ, бахши хусусӣ, аз шарикони рушд, намояндагони Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналхалқии асъор Гурӯҳи корӣ ташкил дода шуд.

Гурӯҳи кории мазкур дар натиҷаи гузаронидани таҳлил хулосаву таклифҳои мушаххас манзур намуд.

Аз ҷумла, дар самти баррасӣ ва ҳалли ихтилофот ва тазодҳои дар қонунгузории амалкунанда дар ташкили бозори такрории коғазҳои қиматнок якчанд мушкилоте муайян гардид, ки рафъи онҳо барои беҳтар шудани раванди бақайдгирии саҳмияҳо ва воридшавӣ ба бозори такрории коғазҳои қиматнок мусоидат менамоянд. Бо ин мақсад пешниҳод карда шуд:

Якум, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" бақайдгирии ҳатмии ҷамъиятҳои саҳомӣ ва пешниҳоди маълумот оид ба нақшаи корӣ ба инобат гирифта шавад.

Дуюм, вобаста ба ин барои мувофиқ намудани қонуни мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" бақайдгирии бароришии саҳмия ва вомбаргҳои ҷамъияти саҳомӣ мувофиқи тартиби муқаррарнамуда ворид карда шавад.

Сеюм, ҳамчунин ҷиҳати мутобиқ намудани тағйиротҳои мазкур ба санадҳои меъёрие, ки фаъолияти воҳидҳои бозори коғазҳои қиматнокро танзим менамояд, тағйироти зарурӣ ворид карда шавад.

Дар маҷмуъ, амалӣ намудани пешниҳодҳои мазкури Гурӯҳи корӣ метавонад ба ҷамъиятҳои саҳомӣ ба тарзи содда ва осон воридшавиро ба савдои бозори такрории коғазҳои қиматнок таъмин намояд.

Дар самти интихоб намудани шакл ва тартиби анҷомдиҳии амалиётҳо дар бозори такрории коғазҳои қиматнок таҷрибаи як қатор кишварҳо омӯхта шуданд. Бинобар мавҷуд будани талаботи хеле баланди техникӣ ба тартиби иҷроиши қарордодҳои харидуфурӯши саҳмияҳо, ҳисоббаробаркунӣ, сабт ва нигоҳдории маълумоти зарурӣ, Гурӯҳи корӣ таклиф пешниҳод кард, ки сохтори бозори такрории коғазҳои қиматнок мисли бозорҳои пешқадамтарини коғазҳои қиматноки минтақа ва дунё дар шакли баргузоркунии электронии савдо анҷом дода шавад. Ин хулоса тибқи тартиб бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату мақомоти дахлдор мувофиқа карда шуд ва ҷонибдорӣ гашт.

Дар асоси он, талаботҳо оид ба таъсисдиҳии ҷамъияти ташкилёбанда аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон иҷро шуда, санади муассисӣ, Оиннома ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ бо қарорҳои дахлдор тасдиқ шуда ва  дар Шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ш.Душанбе (Равзанаи ягона) ҶСК "Бозори сармояи Тоҷикистон" ҳамчун шахси алоҳидаи ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст.

Дар ин раванд масъалаҳои муайян намудани мавқеи ҷойгиршавии ҷамъият, таъмини он бо таҷҳизоти компютерии муосир ва барномаҳои байналмилалии автоматикунонии ҷараёни хариду фурӯши коғазҳои қиматнок ҳал шуда истодаанд.

Дар натиҷаи фаъолияти пурсамари гурӯҳи корӣ Ҳисобот оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қимматнок ва биржаҳои фондӣ бо тавсияҳои мушахасс ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қимматнок ва биржаҳои фондӣ таҳия гардида, дар ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ муаррифӣ карда шуданд.

### 3.2. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат ва дастгирии молиистеҳсолкунандагони ватанӣ

Қайд кардан ҷоиз аст, ки саноат яке соҳаҳои муҳими хоҷагии миллии мамлакатҳо мебошад, ки ба рушди иқтидори истеҳсолии иқтисодиёти миллӣ, диверсификатсияи сохтори соҳавӣ ва баланд шудани

рақобатпазирии иқтисодиёти мамлакат мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз ҳиссаи назарраси тамоми тадқиқоти илмию конструкторӣ дар ҷаҳон маҳз ба соҳаҳои гуногуни саноат рост меоянд.

Агарчанде таи солҳои охир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши саноат як қатор ислоҳоти муҳим гузаронида шуда бошанд ҳам, идомаи ислоҳот тақозои замон аст.

Бояд гуфт, ки дар замони муосир мамлакатҳои ҷаҳон махсусан ба мукаммал гардонидани сохтори соҳавии саноат аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд, зеро тибқи тамоюлҳои рушди саноат дар ҷаҳон саҳми соҳаҳои саноати истихроҷ кам гардида, нақши соҳаҳои саноати коркард зиёд шуда истодааст.

Ҳамзамон, ҷалби сармоя ва ба роҳ мондани фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ дар соҳаҳои гуногуни саноат, аз ҷумла соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ, коркарди ниҳоии нахи пахта, абрешим, пашм, чарм ва инчунин соҳаҳои истеҳсоли таҷҳизоти коркарди ашёи хоми ватанӣ ба васеъ гардидани миқёси шуғли аҳолӣ ва зиёд шудани ҷойҳои корӣ мусоидат намуда, баланд шудани самаранокии истеҳсолоти миллӣ, ҷорӣ намудани инноватсияҳо ва густариши тиҷорати байналмилалиро таъмин менамояд.

Масалан, ба роҳ мондани рушди саноати маъдан дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби захираҳои дохилӣ ба истеҳсоли молҳои нимтайёри саноатӣ, ки дар бозори ҷаҳонӣ талаботи махсусан калонро соҳиб аст, мусоидат карда метавонад.

Барои рушди саноати мошинсозӣ, пеш аз ҳама, дар корхонаҳои мавҷуда ба роҳ мондани истеҳсолоти техникӣ ва технологие зарур мебошад, ки ба маҳсулоти он дар бозори дохилӣ ва бозори кишварҳои ҳамсоя аз қабили саноати хурокворӣ, саноати сабук ва ғайра талабот вуҷуд дорад.

Инчунин коркарди ниҳоии нахи пахтаи ватанӣ, пашм ва чарм дар дохили ҷумҳурӣ тавассути техникаю технологияи навин имкон медиҳад, ки бозори дохилӣ бо молҳои ватании босифат таъмин гардида, содироти он васеъ карда шавад.

Мавриди тазаккур аст, ки дар шароити кунунӣ вобастагии калони иқтисодиёти миллӣ аз воридоти молҳои истеъмолӣ, аз ҷумла воридоти нисбатан зиёди маҳсулоти озуқа боиси паст шудани амнияти озуқаворӣи мамлакат мегардад. Ҳол он ки дар ҷумҳурии мо имкониятҳои истифоданашуда ҷиҳати ба пуррагӣ таъмин намудани эҳтиёҷоти аҳолӣ бо як қатор маҳсулоти саноати хӯрокворӣ зиёд мебошанд.

Барои рушди соҳаҳои саноат дар мамлакат заминаҳои воқеӣ мавҷуданд ва танҳо зарур аст, ки фазои сармоягузорӣ бо назардошти манфиатҳои ҳам сармоягузорон ва ҳам корхонаҳои ин бахш мутобиқ гардонида шавад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки таъмини фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноат ҳамчун муҳаррики рушди иқтисодӣ имконият фароҳам овард, ки аксарияти

мамлакатҳои дорои иқтисодиёти сусттараққикарда ба мамлакатҳои нави саноатӣ мубаддал гардида, мавқеи муайянро дар бозорҳои ҷаҳонӣ ишғол намоянд.

Гуфтан бамаврид аст, ки кишварҳои пешрафта дорои маблағҳои калони сармояи озод мебошанд, аммо онҳоро бештар ба мамлакатҳое сафарбар менамоянд, ки шароит ва фазои хуби сармоягузорӣ дар онҳо муҳайё карда шудааст.

Бо дарназардошти муҳимияти масъалаи мазкур барои рушди иқтисодиёти мамлакат он дар ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратӣ барои баррасӣ пешниҳод гардида, аз ҷониби аъзои Шӯро дастгирӣ ёфт.

Бинобар ин, аз ҷониби Раиси Шӯрои машваратӣ супориш дода шуд, ки аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, таҳлилҳои зарурӣ бо тавсияҳо мушаххас омода карда шаванд.

### 3.3. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ

Бо назардошти он, ки қисми зиёди аҳолии кишвар дар минтақаҳо ва деҳоти мамлакат зиндагӣ намуда, ба кишоварзӣ машғуланд, Ҳукумати Тоҷикистон бахши кишоварзиро самти афзалиятноки сиёсати худ қарор додааст.

Дар Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани шароити хоҷагидорӣ дар бахши кишоварзӣ аз замони ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ то имрӯз як қатор ислоҳот, аз ҷумла ғайридавлатикунонии хоҷагиҳои давлатии кишоварзӣ ва моликияти онҳо, барномаҳои гуногуни рушди кишоварзӣ, аз ҷумла барномаи рушди пахтакорӣ, растанипарварӣ, занбури асалпарварӣ, моҳипарварӣ, паррандапарварӣ ва ғайра қабул ва амалӣ шуда истодаанд.

Дар натиҷаи ислоҳоти татбиқшуда дар ҷумҳурӣ шаклҳои гуногуни корхонаҳои кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти онҳо пайдо шуданд, аммо ин талаботи Ҳукумати ҷумҳуриро айни замон қонеъ карда наметавонад.

Таи солҳои охир бо сабаби тадриҷан паст рафтани ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ ва ба заминҳои партов мубаддал гаштани як қисми онҳо дар саросари ҷумҳурӣ, махсусан дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ҷолибияти сармоягузории бахши кишоварзӣ коҳиш ёфтааст.

Дар баробари ин дар бахши кишоварзии кишвар мушкилоти зерин мавҷуд мебошад:

- мушкилоти ирригатсионӣ тақрибан дар аксари манотиқи ҷумҳурӣ;
- арзиши баланди нуриҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо, ки асосан ба ҷумҳурӣ ворид карда мешаванд;
- арзиши баланди маводи сӯхт ва равғанҳои молиданӣ;
- фоизи баланди қарзҳои низоми бонкии ҷумҳурӣ;
- кӯҳнаю фарсуда шудани қисми асосии техникаи кишоварзӣ;

● норасогии тухмии аълосифат ва ғайра.

Тавре аз таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи минтақа аз ҷумла Қазоқистон, Ҳиндустон, Эрон, Чин ва дигар давлатҳо бармеояд, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ арзиши аслии маҳсулоти кишоварзиро коҳиш дода, онро рақобатпазир ва бозоргир карда метавонад.

Бинобар ин, андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди агробизнес дар ҳама самтҳои он ва бо ҳамин роҳ ташкил намудани ҷойҳои кории даромаднок барои аҳолии деҳоти кишвар муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Бо ин мақсад дар раванди ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратӣ аз ҷониби Котиби масъули Шӯрои машваратӣ масъалаи беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ барои баррасӣ дар ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда шуд ва аз ҷониби ҳамаи аъзои Шӯро дастгирӣ ёфт.

# 4. МОНИТОРИНГИ ИҶРОИ ҚАРОРҲОИ ҚАБУЛНАМУДАИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

Дар баробари омода ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ, яке аз вазифаҳои муҳими Котиботи Шӯро ин мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ, таҳия намудани ҳисобот оид ба натиҷаҳои он ва гузориши муфассали Котиби масъули Шӯро вобаста ба масъалаи мазкур мебошад. Назорати умумии иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратиро Котиби масъули Шӯрои машваратӣ амалӣ менамояд ва аз ҷониби Котиботи Шӯро мунтазам ба Котиби масъули Шӯро маълумот пешниҳод карда мешавад.

Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷадвали махсуси мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратиро таҳия намудааст. Ҷадвали Нақшаи мониторинг назорати натиҷаҳои бевоситаи ҳар як чорабинии алоҳида ва супоришҳо, инчунин омода намудани ҳисоботи васеи натиҷаҳои мониторингро фаро мегирад.

Бо мақсади мунтазам ба роҳ мондани ҷамъоварии маълумот, мубодилаи иттилоот ва гузаронидани таҳлил, ки дар ҷараёни доир намудани мониторинг заруранд, Котиботи Шӯрои машваратӣ бо намояндагони вазорату идораҳои марбутае, ки барои иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи супоришҳои протоколии ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ қабулгардида масъул мебошанд, инчунин намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд вохӯриву мулоқотҳо доир менамояд ва оид ба ҷараёни иҷрои бандҳои протоколҳои ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ аз ҷониби шарикон пешниҳод карда мешаванд.

Натиҷаҳои фаъолияти мазкур ҷамъбаст гардида, ҳисобот оид ба мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ ва гузориши муфассали Котиби масъули Шӯро таҳия карда ва якҷо бо дигар маводҳои ҷаласаҳои Шӯро ба Котиби масъули Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда мешаванд. Ҳисоботи мазкур маълумоти муфассалро оид ба ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ, натиҷаҳои иҷро ё қисман иҷро гардидани қарор аз ҷониби мақомоти марбутаи давлатӣ, инчунин иштироки бахши хусусӣ ва шарикони рушд дар ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ дар худ таҷассум менамояд.

Дар ин замина, маълумоти муфассал оид ба натиҷаҳои мониторинги иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои 12-ум ва 13-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Замимаи 1 (дар намуди ҷадвал) ва зербандҳои 1.1. ва 1.2. Ҳисоботи мазкур пешниҳод шудаанд.

# 5. ИНТИХОБИ (ФИЛТРАТСИЯИ) МАВЗУЪҲО БАРОИ БАРРАСӢ ДАР ҶАЛАСАҲОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

Шӯрои машваратӣ сохторе мебошад, ки тавассути он бахши хусусӣ метавонад дар таҳия ва қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба рушди соҳибкорию сармоягузорӣ фаъолона ширкат намояд. Дар ин асос бахши хусусӣ мушкилоти худро мустақиман ба роҳбарияти олии мамлакат пешниҳод менамояд. Пешниҳодоти бахши хусусӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, нисбат ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд.

Мақсад аз доир намудани чораёни интихоби мавзуъҳо (филтратсияи масъалаҳо) аз он иборат аст, ки мавзуъҳои аз ҷониби бахши хусусӣ пешниҳодгардида бо ҳамаи ҷонибҳои ҳавасманд баррасӣ карда мешаванд ва мавзуъҳои афзалиятнок аз байни онҳо интихоб ва барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ интихоб мегарданд.

Бахши хусусӣ барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон на танҳо заминаи муҳим, балки ҳамчун сарчашмаи муътамад барои дастрас намудани иттилооти рӯзмарра ва зарурӣ оид ба мушкилот ва монеаҳое, ки дар роҳи рушди соҳибкорӣ қарор доранд, ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ ба пешниҳодоти бахши хусусӣ афзалияти хосса дода мешавад.

Бо мақсади таъмини пурраи шаффофият ва самаранокии чораёни филтратсия, Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷиҳати омода намудани номгӯи мавзуъҳое, ки дар ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ баррасӣ карда мешаванд, корҳои назаррасеро ба сомон расонидааст.

Котиботи Шӯрои машваратӣ вохӯриҳои қаблиро бо намояндагони бахши хусусӣ доир намуда, дар онҳо як қатор масъалаҳои муҳиме, ки ҳалли онҳо барои рушди соҳибкорӣ мусоидат менамоянд, пешниҳод гардиданд.

Аз ҷумла дар Мизи мудаввар дар мавзуи «Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – ҳамчун воситаи таъминкунандаи муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ», Мизи мудаввар оид ба ислоҳот вобаста ба мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ ва Мизи мудаввар оид ба муаррифии натиҷаҳои ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ибтикори Котиботи Шӯрои машваратӣ баргузор гардида буданд, аз ҷониби бахши хусусӣ якчанд масъалаҳои муҳим ва афзалиятнок пешниҳод карда шуданд.

Ҳамзамон, вобаста ба мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон, вохӯрии роҳбарони вазорату идораҳои иқтисодӣ бо соҳибкорону сармоягузорон дар вилоятҳо ва минтақаҳои

ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилоятҳои Хатлон, Суғд, водии Рашт, ноҳияҳои тобеи марказ гузаронида шуданд ва фикру андешаҳои соҳибкорон дастрас шуданд. Дар ин замина, аз ҷониби Котиботи Шурои машваратӣ таҳлили вазъ, масъалаҳо ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар Тоҷикистон омода карда шуд.

Дар натиҷаи гузаронидани филтратсия дар давоми соли 2014 мавзуъҳои зерин аз ҷониби намояндагони бахши хусусӣ пешниҳод гардиданд:

1. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат ва дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ;
2. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва дастгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ;
3. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши энергетика;
4. Масъалаи андозбандӣ, аз ҷумла андоз барои корхонаҳои навтаъсисшаванда, андози иҷтимоӣ барои шаҳрвандони хориҷие, ки дар ширкатҳо фаъолият мекунанд ва дигар ҷанбаҳои маъмурикунонии андоз;
5. Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» дар таҳрири нав;
6. Гузаронидани мониторинги низоми иҷозатдиҳӣ. Бо вуҷуди он, ки аз соли 2008 ислоҳот дар ин самт оғоз шуда, шумораи иҷозатҳо аз 806 то 86 адад кам шуда бошад ҳам, вале дар амал шумораи иҷозатҳо дар баъзе мавридҳо зиёд шуда истодааст;
7. Таҳлили масъалаи афзудани шумораи корхонаҳое, ки фаъолияти худро қатъ намуданд;
8. Фаъолияти Комиссияи доимоамалкунанда оид ба таҳлили Кодекси андоз дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
9. Кушодани хатсайри ҳавоии Душанбе-Москваи Федератсияи Россия тариқи фурудгоҳи «Шереметово»-и шаҳри Москва ва тадриҷан ҷорӣ намудани сиёсати «Осмони кушод»;
10. Таҳлили фаъолияти корхонаҳои воҳиди давлатии дар назди вазорату идораҳо амалкунанда ва такроршавии фаъолияти вазорату идораҳо;
11. Ҷорӣ намудани усулҳои муосири баҳисобгирии оморӣ.

Масъалаҳои мазкур аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ мавриди таҳлил ва омӯзиши муфассал қарор дода шуда, барои баррасӣ дар ҷаласаҳои минбаъдаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод гардида истодаанд.

# ҲАМКОРӢ БО ШАРИКОН

## 6.1. Ҳамкорӣ бо бахши давлатӣ

Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ майдони муколамаи озод байни давлат ва бахши хусусӣ ба шумор меравад. Давлат тавассути сохторҳои худ бештар ба идоракунӣ ва танзими равандҳои иқтисодӣ машғул буда, бевосита бо доираҳои соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ сару кор мегирад.

Котиботи Шӯрои машваратӣ пайваста бо бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои соҳавии дигари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазир ва муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва вазорату идораҳои давлатӣ ҳамкории судманд менамояд.

Дар ин радиф соли ҷорӣ як қатор гурӯҳҳои кории байниидоравӣ ҷиҳати иҷрои қарори протоколии ҷаласаҳои 12-ум ва 13-уми Шӯро дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷӣ ва Вазорати саноат ва технологияҳои нав фаъолият намуданд, ки ба онҳо намояндагони сохторҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ шомил карда шуданд.

Ҳамин тариқ, дар доираи фаъолияти гурӯҳҳои корӣ як қатор вохӯриҳо бо сохторҳои гуногуни бахши давлатӣ гузаронида шуда, ба ҳамкориҳои Котиботи Шӯро бо сохторҳои давлатӣ тақвият бахшида шуд.

Шӯрои машваратӣ минбаъд низ барои тақвият бахшидани ҳамкориҳои худ бо бахши давлатӣ корҳои заруриро анҷом хоҳад дод.

Дар маҷмуъ, бахши давлатӣ дар фаъолияти Шӯро нақши муҳим дошта, ҳамчун мақоми машваратӣ, танзимкунанда ва татбиққунанда баромад мекунад.

## 6.2. Ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ

Бахши хусусӣ дар фаъолияти Шӯрои машваратӣ нақши калидӣ дорад. Мақсади асосии Шӯро, ки бо ибтикори Президенти ҷумҳурӣ, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон таъсис дода шудааст, муайян ва бартараф намудани мушкилоти бахши хусусӣ ва ҳалли он мебошад. Бо фаъолияти Шӯрои машваратӣ, бахши хусусӣ имкон дорад, ки мушкилоти худро бевосита ба роҳбарияти олии кишвар пешниҳод намояд.

Айни замон, 5 нафар намояндагони бахши хусусӣ узви Шӯрои машваратӣ мебошанд. Аз ҷумла, Роҳбари Ассосиатсияи ташкилотҳои

маблағгузории хурди Тоҷикистон - Фарҳод Акбаров, Роҳбари ҶДММ «Кафолат» - Музаффар Саймуддинов, Роҳбари Ассосиатсияи агробизнеси Тоҷикистон - Шораҳматов Шорауф, Роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мадина ва Ҳамкорон» - Додхудоева Набот ва Роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ғаюр» - Ғуломов Акбар.

Дар соли ҷорӣ Котиботи Шӯро дар самтҳои гуногуни фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он, аз ҷумла беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши сайёҳӣ, суғурта, рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва дигар ҷанбаҳо бо бахши хусусӣ ҳамкории фаъол намуд.

Бахши хусусӣ дар фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ, таҳияи лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" дар таҳрири нав, дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорону сармоягузорон, Форуми нахустини иқтисодию сармоягузорӣ таҳти шиори "Соҳибкорӣ – муҳаррики иқтисодиёт" ва як қатор бизнес-форумҳои дигар фаъолона иштирок намуд. Қайд кардан бамаврид аст, ки бахши хусусӣ дар ҳамаи шаклҳои соҳибкорӣ фаъолият намуда, дар баъзе ҳолатҳо ба мушкилоти гуногуни корӣ дучор мешавад. Ин мушкилот метавонад истеҳсолӣ, маъмурӣ, идоравӣ, сунъӣ ва ғайра буда, ба пешрафти ташаббусҳои бахши хусусӣ монеа эҷод намояд.

Бинобар ин, роҳбарияти ҷумҳурӣ, коршиносон ва мутахассисон бештар ба он ақидаанд, ки бахши хусусӣ бояд фаъолтар бошад ва мавқеи худро барои ишғоли бозори дохилии молу хизматрасонӣ дар шароити кунунӣ мустаҳкам намояд. Ҳамчунин бахши хусусӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии давлат, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми муносиб гузорад.

Дар баробари ин, бахши хусусӣ тавассути гузаронидани ислоҳоти гуногун бояд ба либерализатсияи иқтисодӣ расида, ба дараҷаи сифатан нави шарикии давлат бо бахши хусусӣ гузарад.

Котиботи Шӯрои машваратӣ ҳамкориҳои судмандро бо бахши хусусӣ идома дода, барои баланд бардоштани нақши он дар иқтисодиёти мамлакат талош хоҳад кард.

### 6.3. Ҳамкорӣ бо шарикони рушд

Бояд қайд кард, ки намояндагони шарикони рушд 1 нафар аз ҳисоби шарикони рушди дуҷониба ва 1 нафар аз ҳисоби шарикони рушди бисёрҷониба узви Шӯрои машваратӣ буда, Котибот пайваста бо шарикони рушд мулоқотҳои дуҷониба ва бисёрҷониба баргузор менамояд.

Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ якҷо бо

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо дастгирии шарикони рушд ҷиҳати баланд бардоштани малака ва савияи дониши соҳибкорон курсҳои бозомӯзӣ оид ба маърифати ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкорон, таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ корҳои назаррасеро амалӣ намуда истодааст.

Аз ҷониби Котиботи Шӯро бо дастгирии шарикони рушд мизи мудаввар оид ба муаррифии Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 3 майи 2014 таҳти № 301 тасдиқ карда шудааст, баргузор гардид.

Ҳамзамон, Кумита бо дастгирии техникии Созмони амният ва ҳамкории Аврупо дар Тоҷикистон дар ноҳияҳои минтақаи Рашт бо соҳибкорон оид ба ислоҳотҳои самти дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ дар моҳҳои август-сентябри соли ҷорӣ семинар-машваратҳоро доир намуд.

Ҷиҳати баланд бардоштани мавқеи байналмилалии Тоҷикистон низ бо шарикони рушд ҳамкориҳои муфид ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои ҷумҳурӣ дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 3 майи соли 2014 таҳти №300 тасдиқ гардид, ки татбиқи самараноки он ба боз ҳам беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ ва шароити пешбурди соҳибкорӣ дар мамлакат такон хоҳад бахшид.

Вобаста ба ин, ҳамкориҳо бо ҳайати ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ густариш ёфта, ба ҳайати мазкур оид ба ислоҳоте, ки ба беҳтар гардидани мавқеи Тоҷикистон дар ин ҳисобот таъсири мусбӣ мерасонад, маълумоти муфассал пешниҳод карда шуданд. Инчунин рӯйхати пурсидашавандагон (респондентҳои ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ") таҷдиди назар карда шуда, ба онҳо соҳибкорон ва созмонҳои соҳибкории нав ворид карда шуданд. Ин тадбирҳо имкон медиҳад, ки мавқеи Тоҷикистон дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ батадриҷ беҳтар карда шавад.

Ҳамчунин ҳамкориҳои самаранок бо коршиносони Бонки ҷаҳонӣ дар самти таҳлили вазъи рушди бозори суғурта, аз ҷумла таҳия ва пешниҳоди Ҳуҷҷати барномавии Бонки Ҷаҳонӣ "Масъалаҳои асосии бахши суғуртаи Тоҷикистон", иштирок дар фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" дар таҳрири нав ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи суғурта, татбиқи нақшаи чорабиниҳо дар ин самт ба роҳ монда шудааст.

Дар доираи фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ ҳамкории самаранок бо Бонки KFW ва ширкати Grant Tpornton, Котиботи ҳамкориҳои Швейтсария дар Тоҷикистон низ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла аз ҷониби ширкати Grant Tpornton бо дастгирии молиявии бонки KFW таҳлили рушди биржаи фонди дар Тоҷикистон гузаронида шуда, муаррифӣ намуд.

## 7. ҶАРАЁНИ ИНТИХОБИ АЪЗОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ АЗ ҲИСОБИ БАХШИ ХУСУСӢ, ШАРИКОНИ РУШД ВА САРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ

Бояд қайд намуд, ки тибқи Низомнома ва Регламенти кории Шӯрои машваратӣ, дар давраи ҳисоботӣ корҳо оид ба татбиқи механизми интихоб/иваз намудани аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби шарикони рушди дуҷониба ва бисёрҷониба идома дода шуданд.

Дар ин давра, 3 аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ иваз карда шуданд.

Илова бар ин, бояд қайд намуд, ки дар ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратӣ 3 нафар аз ҳисоби бахши хусусии ватанӣ ба узвияти Шӯрои машваратӣ аз ҷумла Роҳбари Ассосиатсияи агробизнеси Тоҷикистон - Шораҳматов Шорауф, Роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мадина ва Ҳамкорон» - Додхудоева Набот ва Роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ғаюр» - Ғуломов Акбар интихоб карда шуданд.

# 8. МИЗҲОИ МУДАВВАР, СЕМИНАРҲО, ФОРУМҲО

## 8.1.Мизҳои мудаввар

Дар давраи ҳисоботӣ роҳбарият ва мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар кори як қатор мизҳои мудаввар, форумҳо, семинарҳо ва ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ширкат намуданд.

### Мизи мудаввар дар мавзуи «Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – ҳамчун воситаи таъминкунандаи муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ»

6 феврали соли 2014, дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, мизи мудаввар дар мавзуи «Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – ҳамчун воситаи таъминкунандаи муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ» баргузор гардид.

Дар кори мизи мудаввар намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши хусусӣ ва шарикони рушди Тоҷикистон иштирок намуданд.

Мизи мудавварро мушовири калони иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ Нуъмон Абдуҷаборов ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки мақсади доир намудани мизи мудаввар ҷамъбасти дастовардҳои Шӯрои машваратӣ дар соли 2013 ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти Шӯро барои соли 2014, инчунин мубодилаи афкор байни шарикон мебошад.

Сипас, маъруза оид ба фаъолияти Шӯро дар соли 2013 ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти Шӯро барои соли 2014 ба самъи ҳозирин расонида шуд. Зикр гардид, ки ислоҳоти татбиқшуда дар самтҳои ташаккули шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва таъсиси сохторҳои он, аз қабили Шӯро ва Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, идомаи ислоҳоти низоми андозбандӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои сайёҳӣ, содда намудани ҷараёни санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, оғози ислоҳот дар самтҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта, ташкили бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ ҳамчун дастовардҳои назарраси Шӯрои машваратӣ дар соли гузашта муаррифӣ гардиданд.

Инчунин дар давраи ҳисоботӣ дар доираи фаъолияти Шӯро, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии

соҳибкорӣ» дар таҳрири нав таҳия гардида,тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар заминаи Кодекси андоз қабул гардидаанд, ба тасвиб расиданд. Инчунин Фонди дастгирии соҳибкорӣ ва якчанд шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат таъсис дода шуданд.

Котиботи Шӯрои машваратӣ дар ҳамкории зич бо намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд мунтазам номгӯи масъалаҳои афзалиятнокро барои доир намудани ислоҳот муайян намуда, вобаста ба ҳар як масъалаи аз ҷониби бахши хусусӣ пешниҳодшуда таҳлилҳои лозимӣ мегузаронад ва натиҷаи онҳоро ба баррасии Шӯрои машваратӣ пешниҳод мекунад.

Инчунин дар кори мизи мудаввар аз ҷониби мақомоти давлатӣ, муовини Раиси Кумитаи давлати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нигина Абдуллоева, аз номи бахши хусусӣ, Роҳбари Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон Фарҳод Акбаров ва аз номи шарикони рушди Тоҷикистон Намояндаи доимии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд Ричард Ҷонс, Муовини Роҳбари намояндагии Иттиҳоди Аврупо Овидиу Мик ва дигарон баромад намуда, фаъолияти Шӯроро дар соли сипаригашта хуб арзёбӣ намуданд.

Дар интиҳои мизи мудаввар байни иштирокчиён баҳсу мунозираҳо сурат гирифта, ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ фикру пешниҳодоти муфид манзур шуданд.

## Мизи мудаввар оид ба ислоҳот ва дастовардҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, ки ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои мамлакат дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” мусоидат менамояд

Рӯзи 4 июли соли 2014 дар толори маҷлисгоҳи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Чумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар оид ба ислоҳот вобаста ба мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ баргузор намуд.

Дар кори мизи мудаввари мазкур зиёда аз 20 намояндаи бахши хусусӣ, намояндагони Котиботи Шӯрои машваратӣ, намояндагони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ иштирок намуданд.

Дар ҷараёни кори мизи мудаввар масъалаҳои пурсиш аз ҷониби ҳайати ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” дар соли 2014, ислоҳоти татбиқшаванда ва дастовардҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, ки ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои мамлакат дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” мусоидат менамояд, мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтанд.

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ба иштирокчиёни мизи мудаввар вобаста ба ислоҳоти татбиқшуда дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, аз ҷумла беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта, шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага, ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии мамлакат, фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба ташкили бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ, фаъолияти гуруҳи корӣ беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ маълумот дод.

Сипас ба иштирокчиён ҳангоми пур намудани пурсишномаи ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" бо дарки баланди масъулиятшиносӣ ва ҳисси баланди ватандустӣ дастрас ва пешниҳод намудани маълумоти зарурииву лозима таъкид гардид.

## Мизи мудаввар оид ба муаррифии Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм

Бо мақсади муаррифӣ намудани Нақшаи чорабиниҳои тасдиқгардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ ба доираи васеи бахши хусусӣ, мақомоти давлатӣ ва шарикони рушд 26 июни соли 2014, дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар ҷиҳати муаррифии Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар кори мизи мудаввар намояндагони вазорату идораҳои давлатӣ, роҳбарон ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, роҳбарони созмонҳои соҳибкорӣ, ассосиатсияҳо ва ширкатҳои хусусии бахши туризм иштирок намуданд.

Бояд қайд кард, ки дар ҷараёни мизи мудаввар байни иштирокчиён мулоҳизарониҳо сурат гирифта, ҷиҳати татбиқи самараноки нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фикру пешниҳодоти муфид манзур гардиданд.

## Мизи мудаввар оид ба муаррифии натиҷаҳои ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ

18 декабри соли 2014 дар шаҳри Душанбе бо ташаббуси Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Мизи мудаввар оид ба муаррифии натиҷаҳои ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар ин чорабинӣ зиёда аз 100 намояндагони доираҳои соҳибкорӣ, роҳбарон ва намояндагони ассоситатсияҳои соҳавии соҳибкорӣ, як қатор мақомоти давлатӣ, шарикони рушд ва ВАО иштирок намуданд.

Чорабиниро Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Нуъмон Абдуҷаборов ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки мақсад аз баргузории чорабинӣ муаррифии натиҷаҳои ислоҳоти соли ҷорӣ дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ татбиқгардида мебошад.

Сипас дар мизи мудаввар бо сухани ифтитоҳӣ Муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нигина Анварӣ баромад намуда, зикр кард, ки дастгирии соҳибкорӣ, рушди бахши хусусӣ ва ташаккули фазои мусоид барои сармоягузорӣ, яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таҳти сарварии Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад соли ҷорӣ бо ташаббуси Шӯрои машваратӣ дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва бахши хусусӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” дар таҳрири нав бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ ва марҳилаи дуюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2020 барои се соли оянда, яъне солҳои 2015-2017 қабул гардида, мавриди амал қарор дорад.

Инчунин лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор” бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ таҳия гардида истодааст.

Дар чорабинӣ ҳамчунин бо сухани ифтитоҳӣ Роҳбари намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Тоҷикистон Кристофер Миллер баромад намуда, оид ба натиҷаҳои ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ ибрози назар намуд. Аз ҷумла қайд шуд, ки Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ - 2015”-и Бонки Ҷаҳонӣ бори сеюм ба даҳгонаи кишварҳои ислоҳотгари олам шомил гардида, дар он саҳми Котиботи Шӯрои машваратӣ баланд арзёбӣ мешавад. Дар мизи мудаввар ҳамчун нишони эътирофи ислоҳоти назаррас оид ба беҳтар намудани шароити пешбурди соҳибкорӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон байни 189 кишвари ҷаҳон бо Шаҳодатномаи беҳтарин мамлакати ислоҳотгар аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ сазовор гардонида шуд. Ин ҷоиза эътимоди сармоягузорони хориҷиро барои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти мамлакат боз ҳам қавитар месозад.

Ҷиҳати натиҷаҳои ислоҳоти соли ҷорӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар мамлакат татбиқшуда Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Нуъмон Абдуҷаборов маърӯза намуд.

Дар ин робита ба ҳозирин оид ба Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои мамлакат дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки ҷаҳонӣ, Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ, Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорон аз 14 октябри соли 2014, натиҷаҳои Форуми иқтисодиву сармоягузории Душанбе-2014 таҳти унвони "Соҳибкорӣ – муҳаррики иқтисодиёт", анҷомёбии раванди шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага ё худ Конвенсияи Апостил оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ ва натиҷаҳои ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 17 ноябри соли 2014 маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

Тавре қайд гардид, ислоҳоти гузаронидашуда аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, имсол Тоҷикистон бори сеюм ҳамчун кишвари пешбарандаи ислоҳот пазируфта шуд ва ба даҳгонаи кишварҳои ислоҳотгари олам шомил гардид.

Инчунин дар муаррифии натиҷаҳои ислоҳот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикони рушд ва намояндагони бахши хусусӣ - Фарҳод Акбаров, Роҳбари Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, Алишер Тураханов, Директори ширкати байналмилалии консалтингию ҳуқуқии AITEN GROUP ва Изатулло Лалбеков, Роҳбари Ассосиатсияи бонкҳои Тоҷикистон баромад намуданд.

Пас аз баромадҳои мазкур, доираи васеи намояндагони бахши хусусӣ, мақомоту идораҳои давлатӣ, воситаҳои ахбори омма дар мулоҳизарониҳо ва саволу ҷавоб фаъолона иштирок намуданд.

Дар сухани хотимавӣ Муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нигина Анварӣ оид ба мунтазам беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ, бахусус иқдомот ва дастгирии бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ин самт қайд карда, ҳамзамон изҳори итминон намуд, ки Котиби Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар якҷоягӣ бо намояндагони бахши хусусӣ, шарикони рушд ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати татбиқи ин ташаббускориҳои роҳбари давлат саҳми назаррас хоҳанд гузошт ва ба иштироккунандагон дар мизи мудаввар, барои иштироки фаъолона изҳори сипос намуд.

## 8.2. Семинарҳо

18 июли соли 2014, дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар оид ба тақвият бахшидани ҳамкории байни Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва шуроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуд.

Дар кори семинар намояндагони мақомоти давлатӣ, котиботҳои шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушди Тоҷикистон иштирок намуданд.

Мақсади доир намудани семинар тақвият бахшидан ба муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, инчунин мубодилаи афкор байни шарикон мебошад.

Дар семинар омилҳои садди роҳи раванди татбиқ ва риояи қонунҳо, сабабҳои ба миён омадани онҳо, роҳҳои бартараф намудан ва ҳалли чунин масъалаҳо аз ҷониби намояндагони вазорату идораҳои давлатӣ, бахши хусусӣ, ассосиатсияҳои соҳибкорӣ, шаҳрвандон ва шарикони рушд муҳокима гардиданд. Қайд карда шуд, ки чунин муҳокимаҳо ба рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, инчунин ҳалли доираи васеи масъалаҳои марбута мусоидат менамоянд.

Инчунин роҳбарони котиботи Шӯрои миллӣ ва шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ тавсияҳои худро ҷиҳати беҳтар намудани робита ва тақвият бахшидани ҳамкории байни котиботи Шӯрои миллӣ ва шӯроҳои минтақавӣ пешниҳод намуданд.

Аз ҷумла роҳҳои беҳтар намудани ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои тарафайн вобаста ба омода намудани пешниҳодот ва тавсияҳо ба Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва шӯроҳои минтақавӣ, таҳлил ва баҳогузории пешниҳодот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ барои ҷаласаҳои Шӯрои миллӣ ва шӯроҳои минтақавӣ (интихоби мавзуъҳо), мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои миллӣ ва шӯроҳои минтақавӣ ва таъмини иттилоотии фаъолияти онҳо пешниҳод карда шуданд. Зикр гардид, ки дар амал татбиқ намудани пешниҳодҳои иброзгардида метавонанд робита ва ҳамкории байни котиботи Шӯрои миллӣ ва шӯроҳои минтақавиро ба қадри назаррас тақвият бахшида, ба беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ дар мамлакат мусоидат намоянд.

## 8.3. Форумҳо

**10 сентябри соли 2014** дар бинои Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар доираи ҷаласаи Шӯрои Сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай Бизнес-форуми доираҳои соҳибкории Созмони мазкур баргузор гардид, дар ташкил ва гузаронидани он, кормандони Котиботи Шӯрои машваратӣ фаъолона ширкат намуданд.

Дар кори Бизнес-форум, ки омодагӣ ва баргузории он таҳти садорати бевоситаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд, зиёда аз 300 намояндагони аҳли тиҷорату саноати Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Муғулистон, Ҳиндустон, Туркия, инчунин кормандони масъули созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ иштирок намуданд.

Мақсади асосии баргузории Бизнес-форум таҳкими ҳамкории тиҷоратии байни ҷомеаҳои соҳибкории давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, муҳокимаи масъалаҳои мубрами ҷойдошта ва самтҳои ояндадори ҳамкорӣ, муттаҳид сохтани иқтидори касбии аҳли тиҷорату саноати СҲШ ҷиҳати омода сохтани пешниҳоду тавсияҳо барои вохӯрии дар пешистодаи Сарони давлатҳои аъзои Созмон, вусъати равобити бисёрҷонибаи соҳибкорон, ҳавасмандгардонии манфиати мутақобила ва тавсеаи равобити тиҷоратии байни соҳибкорон ва сармоягузорони кишварҳои СҲШ мебошад.

Дар кори форум Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид, Котиби генералии Созмони ҳамкории Шанхай ҷаноби Мезентсев Д.Ф., Раиси Қисми миллии Шӯрои расмии СҲШ аз Ҷумҳурии Қазоқистон Палташева М. Т., Раиси Қисми миллии Шӯрои расмии СҲШ аз Ҷумҳурии Халқии Хитой Юй Пин, Раиси Қисми миллии Шӯрои расмии СҲШ аз Ҷумҳурии Қирғизистон Шаршекеев Марат Дуйшебаевич, Раиси Қисми миллии Шӯрои расмии СҲШ аз Федератсияи Россия Катирин Сергей Николаевич, Раиси Қисми миллии Шӯрои расмии СҲШ аз Ҷумҳурии Узбекистон Шайхов А.Э., Раиси Шӯрои соҳибкории Туркияву Тоҷикистон дар назди Кумитаи робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Туркия Маҳмуд Эр, Иҷрокунандаи вазифаи Президенти Ҷумҳурии Бошқирдистон Ҳамитов Р.З., намояндагони вазорату идораҳо, аҳли тиҷорату саноат ва ташкилотҳои ҷамъиятии давлатҳои аъзо ва шарикон оид ба муколама бо сухани шодбошӣ ба ҳозирин муроҷиат намуданд.

Дар Бизнес-форум Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим дар мавзуи “Имкониятҳои сармоягузории Тоҷикистон” баромад кард. Дар доираи ин муаррифӣ маълумоти пурмуҳтаво дар бораи иқтидори инвеститсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои инкишофи он пешкаш гардид.

Дар қисми дуюми Бизнес-форум иштирокчиён аз рӯи манфиатҳои соҳавӣ ба бахшҳои зерин тақсим шуданд:

1. Ҳамкорӣ дар соҳаи саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва амнияти энергетикии кишварҳои СҲШ.
2. Рушди комплекси агросаноатӣ ва амнияти озуқавории кишварҳои СҲШ.
3. Нақши созмонҳои молиявӣ дар миқёси СҲШ.
4. Бартараф намудани монеаҳои савдо дар миқёси СҲШ бо роҳи тавсеаи коридорҳои нақлиётӣ.
5. Рушди туризм дар миқёси СҲШ.

Аз рӯи натиҷаҳои Бизнес-форум иштирокчиёни он Қатъномаеро қабул намуданд, ки дар он зарурат ва имкониятҳои ҳамкории мутақобилан судманди иқтисодӣ дар татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай ишора гардидааст.

**25-26 сентябри соли 2014** кормандони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар Форуми байналмилалии иқтисодӣ таҳти шиори «Водии Рашт-имкониятҳои рушд» иштирок намуданд.

Чорабинии мазкур, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои водии Рашт, аз ҷумла Рашт, Нуробод, Тоҷикобод, Тавилдара ва Ҷиргатол бахшида мешавад, гузаронида хоҳад шуд.

Ҳадафи асосии баргузории Форуми мазкур пеш аз ҳама гузаронидани мониторинг, баҳогузорӣ ва мувофиқанамоии лоиҳаҳои татбиқшавандаи гуногун дар ноҳияҳои мазкур, муҳокимаи чораёни амалишавии нақшаҳои чорабиниҳои барномаҳои давлатӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои мазкур, ҷалби сармоя, рушди туризм ва дигар ҷанбаҳои рушди иқтисодиву сармоягузории води Рашт ба ҳисоб меравад.

Дар чаҳорчӯбаи Форум инчунин мизҳои мудаввар оид ба муҳокимаи масоили рушди соҳибкорӣ (агробизнес, туризм, ҳунармандӣ ва ғайра), рушди иҷтимоии ноҳияҳо (маориф, тандурустӣ, баробарии гендерӣ ва ғайра) ва конфронсҳои илмӣ-тадқиқотӣ доир гардиданд.

**27-28 октябри соли 2014** Форуми якуми сармоягузорӣ дар доираи Нақшаи амалиёти Созмони Ҳамкории Исломӣ оид ба ҳамкорӣ бо мамолики Осиёи Марказӣ дар Кохи Сомони Бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид, ки дар кори он кормандони Котиботи Шӯрои машваратӣ фаъолона ширкат намуданд.

Анҷумани мазкур дар доираи Нақшаи кории СҲИ барои Осиёи Марказӣ баргузор гардида, дар он масоили ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноати кишоварзӣ, нақлиёт, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, маориф, илму техника, сайёҳӣ ва тандурустӣ баррасӣ мешаванд.

Барои иштирок дар ин анҷуман намояндагони кишварҳои аъзои СҲИ, ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ, сохторҳо оид ба рушди ҳамкорӣ, бахшҳои хусусӣ ва сармоягузорони кишварҳои аъзо ба шаҳри Душанбе ташриф овардаанд.

Дар форум Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарон ва намояндагони вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ва мамлакатҳои аъзои

Созмон, аз ҷумла аз Осиёи марказӣ, ташкилотҳои байналмилалию минтақавии молиявӣ, муассисаҳо оид ба рушди ҳамкорӣ ва мамлакатҳо-аъзои сармоягузор, доираҳои соҳибкории мамлакатҳои аъзои Созмон ва коршиносони соҳавӣ иштирок намуданд.

Дар қисмати ифтитоҳии анҷуман Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дабири кулли Созмони ҳамкории исломӣ Иёд Амин Маданӣ, Раиси Бонки исломии рушд Аҳмад Муҳаммад Алӣ, Вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалии Либия Муҳаммад ал-Ғиронӣ, Муовини вазири корҳои хориҷии Мамлакати Арабистони Саудӣ Туркӣ ибни Муҳаммад ибни Сауд ал-Кабир, Вазири давлатии Аморати Муттаҳидаи Араб Абдулло Ғаббош, Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Судон Алӣ Аҳмад ал-Картӣ, Муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Атиқуллоҳ Атифмал ва Мудири омили ширкати Қатари Диёр – Тоҷикистон Камол Ҳиҷозӣ суханронӣ намуданд.

Анҷумани сармоягузории Созмони ҳамкории исломӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҷаласаҳои алоҳидаи корӣ идома ёфт, ки дар онҳо масъалаҳои нақлиёт ва инфрасохтор, мусоидат ба тиҷорат ва сармоягузорӣ, кишоварзӣ, фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва рушди инфрасохтори деҳот, сайёҳӣ, санъат, илм ва технология баррасӣ карда шуданд.

Дар доираи форуми мазкур як қатор созишномаҳо ва ёддоштҳои ҳусни тафоҳум ба имзо расида, дар анҷоми он Изҳороти Форум қабул карда шуд.

**27 ноябри соли 2014** кормандони Котиботи Шӯрои машваратӣ дарБизнес-форуми соҳибкорони Тоҷикистону Чехия, ки дар бинои Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Чехия, Ҷаноби Милош Земан баргузор гардид, иштирок намуданд.

Дар Бизнес-форум беш аз 400 нафар соҳибкорону сармоягузорони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Чехия, намояндагони як қатор мақомоти давлатӣ аз ҳар ду давлат иштирок намуданд.

Дар оғози чорабинӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Чехия, Ҷаноби Милош Земан суханронӣ намуда, ба ҳозирин дар натиҷабахш гардидани иштироки онҳо дар кори Бизнес-форуми соҳибкорони Тоҷикистону Чехия барору комёбӣ орзу намуданд.

Сипас дар идомаи кори Бизнес-форум баромади Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳамраиси Гурӯҳи кории доимии байнисоҳавии Тоҷикистону Чехия оид ба масъалаҳои ҳамкории иқтисодӣ ва саноатӣ – Қодири Қосим, Муовини Вазири саноат ва савдои Ҷумҳурии Чехия – Бертл Владимир ва Роҳбари ҳайати соҳибкорони Чехия Президенти Иттифоқи саноат ва нақлиёти Ҷумҳурии Чехия – Ярослав Ганак баромад намуданд.

Ҳамзамон дар раванди қисмати расмии Бизнес-Форум як қатор созишномаҳо ва ёддоштҳои тафоҳум ба имзо расонида шуд.

Баъди анҷоми қисми расмии Бизнес-Форум нишастҳои дуҷониба соҳибкорону сармоягузорони ҳар ду давлат доир гардиданд, ки дар онҳо ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманд дар соҳаи афзалиятнок мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

## 8.4. Иштирок дар гурӯҳҳои корӣ

Тавре қаблан қайд карда шуд, бо мақсади иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ вобаста ба гузаронидани ислоҳот дар самтҳои гуногун гурӯҳҳои кории байниидоравӣ бо ҷалби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо дастгирии шарикони рушд таъсис дода мешаванд. Тибқи тартиби муқарраршуда намояндаи Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҷаласаҳои гурӯҳҳои кории байниидоравӣ ҳамчун аъзои гурӯҳҳои корӣ иштирок намуда, фаъолияти онҳоро ҳамоҳанг месозад.

Дар доираи фаъолияти гурӯҳҳои корӣ таҳлилҳои ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҷойдошта дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ гузаронида шуда, барои бартараф намудани онҳо тавсияву пешниҳодҳои мушаххас таҳия карда мешаванд.

Дар натиҷаи фаъолияти гурӯҳи корӣ ҳисобот бо тавсияҳои мушаххас ва дар асоси он Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар самти муайян таҳия ва ба баррасии ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда мешаванд. Баъд аз ин бо супориши Раиси Шӯро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳо мукаммал ва бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа гардида, барои баррасӣ ва тасдиқ ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод мегардад.

Дар ин радиф соли 2014 гурӯҳҳои кории байнидоравӣ дар самтҳои зерин таъсис ёфта, фаъолият намуданд ва намояндагони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар онҳо фаъолона ширкат варзидаанд:

- гурӯҳи кории байниидоравӣ дар назди Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага (Конвенсияи Апостил) оид бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмӣ аз соли 1961;
- гурӯҳи кории байниидоравӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ;
- гурӯҳи кории байниидоравӣ дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорию соҳибкорӣ дар бахши суғурта;
- гурӯҳи кории байниидоравӣ дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” дар таҳрири нав;

- гурӯҳи кории байниидоравӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва ташкили биржаҳои фондӣ;
- гурӯҳи кории байниидоравӣ дар назди Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ.

## 9. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ БАРОИ СОЛИ 2015

Бо мақсади идомаи ислоҳоти иқтисодӣ, Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он фаъолияти худро дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ва пешниҳоди масъалаҳои бахши хусусӣ ба ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ давом хоҳад дод.

Фаъолияти минбаъдаи Котиботи Шӯрои машваратӣ барои мунтазам омода ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ, доир намудани мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ, таҳия ва қабули нақшаҳои кории Котиботи Шӯрои машваратӣ ва гузаронидани корҳои васеи фаҳмондадиҳӣ оид ба ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ ва натиҷаҳои бадастомада равона карда мешаванд.

Дар ояндаи миёнамуҳлат самтҳои зерин барои Шӯрои машваратӣ афзалиятнок ҳисобида мешаванд.

### 9.1. Ҳамоҳангсозии фаъолият барои ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат

Тавре қаблан қайд карда шуд, самти дигари баланд намудани ҷолибияти сармоягузории Тоҷикистон ҷалби ширкатҳои рейтингӣ ва муайян намудани рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон мебошад. Дар ин ҷода, моҳи сентябр-октябри соли ҷорӣ шартномаҳои дахлдор бо ширкатҳои бонуфузи рейтингии ҷаҳонӣ Standart and Poor's ва Moody's баста шуданд.

Мутахассисони ширкатҳои мазкур аллакай ба ҷумҳурӣ ташриф оварда, маълумотҳои заруриро барои тайёр кардани баҳогузорӣ гирифтанд. Дар назар аст, ки хулосаи қаблии онҳо оид ба баҳогузории Тоҷикистон ва нақшаи кории мукотиботи дуҷониба дар моҳи феврали соли 2015 омода мешавад.

Дар заминаи тадбирҳои андешидашуда, минбаъд иҷро кардани масъалаҳои зерин ба нақша гирифта шудааст.

1. Ҷамъбаст намудани хулосаҳо вобаста ба такмили қонунгузорӣ ва дар ин самт зарур аст, ки бастаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ ба назардошти хулосаҳои Гурӯҳи корӣ таҳия шуда, барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

2 Идомаи ҳамкорӣ бо ширкатҳои рейтингии Standart & Poor's ва Moody's ҷиҳати барпо намудани робитаи самаранок ва мунтазам. Дар ин робита иштирок ва ҳамкории фаъоли вазорату мақомоти дахлдор барои доду гирифти бемамоният ва саривақтии маълумот зарур аст.

## 9.2. Пайгирии ислоҳот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта, аз ҷумла таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» дар таҳрири нав

Қайд кардан зарур аст, ки дар ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратӣ ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо супориш дода шуд, ки якҷо бо вазорати молия аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғурта»-ро дар таҳрири нав таҳия намоянд. Лоиҳаи қонуни мазкур бояд дар мӯҳлатҳои муқаррargардида мувофиқа ва қабул карда шавад.

Бо мақсади иҷрои супориши мазкур дар назди Вазорати рушди иқтисоди ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми июли соли 2014 Гурӯҳи кории байниидоравӣ доир ба дар таҳрири нав таҳия намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» таъсис дода шуда, то имрӯз дар доираи ҷаласаҳои худ лоиҳаи қонуни мазкурро бо назардошти тавсияҳои Ҳисоботи гуруҳи кории байниидоравӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта ва таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои ҷаҳон ба забони русӣ омода намудааст.

Аз ҷумла, дар рафти ҷаласаи навбатии гурӯҳи корӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» дар таҳрири нав ба аъзоёни гурӯҳи корӣ ва инчунин ҳайати даъватшудаи мутахассисони Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ муаррифӣ карда шуда, аз ҷониби онҳо баланд арзёбӣ гардид. Лоиҳаи қонуни мазкур ба мутахассисони Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ барои омӯзиш ва пешниҳоди тавсияҳои мушаххас ирсол карда шуда, бо назардошти тавсияҳои онҳо боз ҳам мукаммал карда мешавад.

Дар назар аст, ки лоиҳаи қонуни мазкур то охири нимсолаи аввали соли 2015 бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа гардида, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

## 9.3.Пайгирии ислоҳот оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қимматнок ва биржаҳои фондӣ

Тавре қаблан қайд карда шуд, дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ иборат аз намояндагони вазорату идораҳои марбута, бахши хусусӣ ва шарикони рушд бо мақсади омӯзиши мушкилот ва пешниҳоди тавсияҳо барои рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ дар ҷумҳурӣ таъсис дода шуд. Гурӯҳи корӣ дар ҷаласаҳои худ як қатор масъалаҳо ва монеаҳои боздорандаи рушди бозори такрории коғазҳои

қиматнокро мавриди баррасӣ қарор дода, бо иштироки шарикони рушд ба муҳокимаи мухолифати қонунгузориҳое, ки фаъолияти бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондиро танзим мекунад, таҳлил намуд.

Натиҷаи фаъолияти пурсамари гурӯҳи корӣ, аз ҷумла ҳисобот оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қимматнок ва биржаҳои фондӣ бо тавсияҳои мушаххас ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қимматнок ва биржаҳои фондӣ дар ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ муаррифӣ карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ яке аз унсурҳои муҳими бахши молиявии иқтисодиёти мамлакатҳо ба ҳисоб рафта, метавонад барои муҳайё намудани маблағҳои озод ва ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт сармоягузорӣ намудани онҳо заминаи воқеӣ гузорад.

Новобаста аз он, ки кулли нишондиҳандаҳои молиявию пулии мамлакат ҷараёни афзоиш доранд, то имрӯз яке аз сабабҳои аслии рушди нокифояи бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ пеш аз ҳама номукаммалии қонунгузории соҳа ва сохтори институтсионалии он ба ҳисоб меравад. Ҳалли масъалаҳои зикргардида, боварии аҳолӣ ва сармоягузорони дохилию хориҷиро ба низоми бонкию молиявии давлат боз ҳам устувор менамояд.

Дар ин радиф, дар ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратӣ аз ҷониби Раиси Шӯро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Бонки миллии Тоҷикистон супориш дода шуд, ки лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қимматнок ва биржаҳои фондӣ мукаммал карда, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Инчунин супориш дода шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон якҷо бо Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ барориш ва фурӯши мунтазами коғазҳои қиматноки давлатиро бо нархҳои бозорӣ таъмин намуда, аз натиҷааш ба Ҳукумати ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод намоянд.

Илова бар ин Бонки миллии Тоҷикистон бояд тибқи супориши протоколии ҷаласаи 14-ум якҷо бо дигар вазорату идораҳои марбута ҷиҳати мукаммал намудани заминаи меъёрию ҳуқуқии бахши бозори коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ ва сохтори институтсионалии он чораҳои заруриро амалӣ намоянд.

### 9.4. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ

Тавре дар қисмати сеюми ҳисоботи мазкур қайд гардид, дар ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратӣ бо супориши Президенти мамлакат,

Раиси Шӯрои машваратӣ ислоҳот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат ва дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ оғоз гардид. Дар ин радиф дар назди Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории байниидоравӣ бо ҷалби намояндагони бахши хусусӣ ва дастгирии шарикони рушд таъсис ёфта, фаъолият намуда истодааст.

Фаъолияти гурӯҳи кории мазкур ба гузаронидани таҳлили амиқи мушкилоти ҷойдошта дар соҳаҳои саноати истихроҷ ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ то ба маҳсулоти тайёр ва пешниҳоди тавсияҳои мушаххас вобаста ба бартараф намудани онҳо равона карда шудааст.

Барои гузаронидани таҳлили мазкур, бо дастгирии шарикони рушд коршиносони миллӣ ҷалб карда шудаанд.

Дар назар аст, ки то ҷаласаи 15-уми Шӯрои машваратӣ, ки тақрибан моҳҳои апрел-майи соли 2015 баргузор мегардад, ҳисобот ва тавсияҳои гурӯҳи корӣ ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ пешниҳод карда шаванд.

## 9.5. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ

Солҳои охир дар соҳаи кишоварзии мамлакат як қатор ислоҳоти муҳим ва ҷиддӣ доир карда шуданд, ки мақсади асосии онҳо таҷдиди соҳа, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ, ба содирот нигаронидани он ва дар ин замина таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат маҳсуб меёбад.

Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади таъмини рушди бемайлони соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла баланд бардоштани фарҳанги истифодабарии заминҳои корам ва истифодаи самараноку оқилонаи он, бахусус заминҳои обӣ ва дар як сол рӯёнидани 3-4 ҳосили зироат, таваҷҷуҳ ва афзалияти хосса дода, чандин барномаҳои давлатӣ қабул ва амалӣ гардида истодаанд.

Вале тавре аз таҳлили раванди таъмини ҳифзи амнияти озуқаворӣи кишвар бармеояд, тадбирҳои андешидашуда ва чораёни татбиқи онҳо ҳанӯз нокифоя мебошанд. Зеро бозори истеъмолии мамлакат аз маводи ғизоии воридотӣ ҳанӯз вобастагии калон дорад.

Доир намудани ислоҳоти куллии соҳаи кишоварзӣ кафолат медиҳад, ки амнияти озуқаворӣи мамлакат дар заминаи сиёсати босамари иқтисодӣ ва иштироки фаъоли бахши хусусӣ дар фаъолияти кишоварзӣ ва тиҷорати аграрӣ таъмин карда шавад.

Соҳаи кишоварзӣ аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ буда, яке аз ҳадафҳои стратегии ҳукумати ҷумҳурӣ - таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат ва беҳдошти вазъи иқтисодии мардум, аз дараҷаи рушди ин соҳа вобастагии амиқ дорад.

Аз ин лиҳоз, дар ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратӣ, раиси Шӯрои машваратӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон супориш доданд, ки вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода, оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ таҳлилҳои ҳамаҷониба гузаронад ва оид ба натиҷаҳои он ба ҷаласаҳои оянда Шӯро пешниҳод намоянд.

Бинобар ин айни замон дар назди Вазорати кишоварзӣ корҳои омодагӣ барои таъсис додани гурӯҳи кории байниидоравӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гузаронида шуда истодаанд. Котиботи Шӯрои машваратӣ низ намояндаи худро ба аъзогии гурӯҳи кории таъсисдодашаванда пешниҳод намуда, бо ин роҳ ҳамкориҳоро байни мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд вобаста ба гузаронидани таҳлил ва омода намудани пешниҳоду тавсияҳои мушаххас ба Шӯро ҳамоҳанг месозад.

## 9.6. Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” дар таҳрири нав

Бояд қайд намуд, ки яке аз роҳҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармоя ҳимояи сармоягузорон тавассути фароҳам овардани заминаи меъёрию ҳуқуқии зарурӣ мебошад. Бо ин мақсад қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”, “Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ”, “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ”, “Дар бораи Созишнома оид ба тақсими маҳсулот”, “Дар бораи консессия”, Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ қабул гардида, мавриди иҷро қарор доранд.

Вале бо мақсади боз ҳам мусоид намудани шароити сармоягузорӣ дар Тоҷикистон, қонунгузории амалкунанда дар ин самт таҷдиди назарро тақозо мекунад. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” хусусияти умумӣ дошта, фишангҳои мушаххаси риояи ҳуқуқ ва кафолати сармоягузоронро инъикос намекунад.

Дар қонунгузорӣ вобаста ба танзими фаъолияти сармоягузорӣ ҷиҳати ҷалби бештари сармоягузориҳо, як қатор имтиёзҳо ва ҳавасмандкуниҳо муқаррар карда шудаанд. Асосан ин имтиёзҳо дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти ҷумҳурӣ, аз қабили кишоварзӣ, истифодаи қаъри замин, коркарди ниҳоии маҳсулот, энергетика ва дигар соҳаҳо пешбинӣ шудаанд.

Ҳавасмандкуниҳо дар шаклҳои имтиёзҳои гумрукӣ, андозӣ, молиявӣ, танзимкунӣ ва грантҳои алоҳида пешниҳод карда мешаванд.

Вале, дар ин самт низ як қатор камбудиҳо ҷой дошта, механизми мукаммали пешниҳоди имтиёзҳои сармоягузорӣ таҳия нагардидааст, ки садди роҳи ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба мамлакат мегардад. Аз ҷумла дар Кодекси андоз имтиёзҳои андозӣ барои сармоягузороне

муқаррар карда шудааст, ки маблағҳои пулиро дар ҳаҷми муайян сармоягузорӣ мекунанд. Ҳол он ки сармоягузориҳо метавонанд дар шакли ғайрипулӣ, яъне таҷҳизот ва технологияҳои муосир низ ҷалб карда шаванд. Ин ҳолат ҷалби сармоягузориҳои хориҷиро маҳдуд намуда, ба воридоти таҷҳизот ва технологияҳои муосир монеа мегардад.

Дар робита ба ин, зимни суханронии худ дар Мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" дар таҳрири нав таҳия карда шавад ва дар асоси он ба қонунгузории амалкунанда вобаста ба талаботи замони муосир ва уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон тағйироти зарурӣ ворид карда шаванд.

Дар натиҷаи Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон, ки 14 октябри соли 2014 баргузор гардид, Нақшаи чорабиниҳои он аз 31 октябри соли 2014 қабул карда шуд, ки ин масъала дарҷ гардид, аз тарафи вазорату идораҳои ҷумҳурӣ мавриди татбиқ қарор дода шудааст.

Дар ин радиф айни замон дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории байнидоравӣ оид ба таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" дар таҳрири нав дар ҳоли таъсис қарор дорад.

## 9.7. Ташкили рейтинги миллии фазои сармоягузорӣ

Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар минтақаҳо ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо вобастагӣ дорад, зеро сармоягузорон ва соҳибкорон бо лоиҳаҳои худ маҳз ба назди онҳо меоянд.

Имрӯз шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, ноҳияи Фархор, шаҳрҳои Кӯлоб, Истаравшан, Исфара, Панҷакент ва водии Рашт таъсис дода шуда, фаъолияти пурсамар намуда истодаанд.

Мақсади асосии шӯроҳои минтақавӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармоя ба иқтисодиёти шаҳру ноҳияҳо мебошад, ки ҳамзамон ба некӯаҳволии сокинон, ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ ва таҳкими ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ равона карда мешавад.

Дар робита бо ин тибқи Нақшаи чорабиниҳои мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон аз 14 октябри соли 2014 пешбинӣ карда шудааст, ки ҳамчун идомаи мантиқии ислоҳот дар ин самт рейтинги миллии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар минтақаҳои кишвар ташкил карда шавад.

Аз рӯи моҳият ин як механизми баҳогузории вазъи фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, татбиқи ислоҳоти ба рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ равонашуда дар ҳар як минтақаи алоҳидаи мамлакат

мебошад, ки аз фикру андеша ва баҳодиҳии соҳибкорону сармоягузорони фаъолияткунандаи минтақа асос меёбад. Аммо рейтинги миллии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ набояд танҳо низоми баҳогузорӣ бошад. Он бояд воситаи воқеан самараноки гузаронидани ислоҳоти маҷмуӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ шуда, ба паҳн гардидани таҷрибаи бомуваффақияти идоракунӣ мусоидат намояд.

Ҳамзамон, пеш аз гузаронидани баҳогузории рейтингӣ андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати ҳавасмандгардонии минтақаҳо барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ зарур мебошад.

### 9.8. Ташкил ва гузаронидани нахустин солгарди Рӯзи миллии соҳибкорон дар таърихи 14 октябр

Қайд кардан зарур аст, ки рушди бахши хусусиву соҳибкорӣ ва ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани фазои сармоягузорию соҳибкорӣ дар мамлакат яке аз ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудааст. Бо ин мақсад Ҳукумати ҷумҳурӣ солҳои охир ислоҳоти ҷиддиро пеш бурда истодааст.

Шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Ҷаҳонии Савдо (соли 2012), Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид ё худ Конвенсияи Ню-Йорк оид ба эътироф ва мавриди иҷро қарор додани қарорҳои арбитражии хориҷӣ, Конвенсияи Гаага ё худ Конвенсияи Апостил оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ (соли 2014) бешубҳа ба боло рафтани нуфузи байналмилалии Тоҷикистон, рушди савдои байналмилалӣ, ҷалби сармоя, рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ, беҳтар намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусӣ таконе хоҳад бахшид.

Дар идомаи ислоҳоти татбиқшуда қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” дар таҳрири нав, “Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ”, “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ”, “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ”, “Дар бораи мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ”, Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2020 ва якчанд барномаву стратегияҳои соҳавӣ қабул гардида, ба як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки ин барои ҷалби сармоя ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Солҳои 2012 - 2014 марҳалаи аввали татбиқи барномаи мазкур ба анҷом расид, ки дар ин давра такмил додани маҷмуи қонунгузории кишвар дар соҳаи соҳибкорӣ, навсозии истеҳсолот ва равандҳои технологӣ, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ва таъмини тақвияти ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ муяссар гардид.

Соли 2015 марҳалаи дуюми татбиқи барнома оғоз гардида, зарур аст, ки Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо

бо вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи нақшаи чорабиниҳоро доир ба татбиқи марҳалаи дуюми барномаи зикршуда такмил дода, ба Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳод манзур намояд.

Бо мақсади дастгирии воқеии соҳибкорон тавассути муҳайё гардонидани захираҳои молиявии имтиёзнок соли гузашта Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ” таъсис дода, ба он аз ҳисоби буҷети давлатӣ 63 миллион сомонӣ маблағ равона карда шуд. Пешбинӣ шудааст, ки ба сармояи фонд соли 2015 то 130 миллион сомонӣ ва дар 7 соли оянда то як миллиард сомонӣ равона карда мешавад.

Вобаста ба Кодекси нави андоз қайд гардид, ки шумораи ҳисоботи андоз то 86 фоиз ва шумораи умумии пардохтҳои андоз то 43 фоиз кам карда шуда, масъалаи иваз кардани андоз аз фурӯши нахи пахта ба боҷи содиротӣ ҳоло таҳти баррасӣ ва чораҷӯии сохтору мақомоти дахлдор қарор дорад.

Хотирнишон гардид, ки чунин имтиёзҳо бояд ба корхонаҳое пешниҳод карда шаванд, ки тавассути коркарди пурраи нахи пахта ба баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат, афзоиш ёфтани арзиши иловашуда ва муҳимтар аз ҳама, ба ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунанд.

Вазорати молия дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор вазифадор гардиданд, ки ҷиҳати соддагардонии татбиқи маъмурикунонии андоз, татбиқи Кодекси андоз ва бартараф кардани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, пешпардохти маблағҳои андозӣ ва душвориҳои баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда тадбирҳои зарурӣ андешида, аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ба Ҳукумати ҷумҳурӣ гузориш пешниҳод намоянд.

Вобаста ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаи маориф тавассути ташкили мактабҳо, литсею гимназияҳо, боғчаҳои хусусӣ ва дигар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва бо мақсади ҳавасманд намудани бахши хусусӣ ба рушди соҳаи маориф ва тақвият додани сармояи зеҳнӣ дар бобати муқаррар намудани меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда барои муассисаҳои таълимӣ қайд карда шуд.

Ҷиҳати ба роҳ мондани хизматрасониҳои суғуртаи ҳатмӣ аз ҷониби ширкатҳои хусусии суғуртавӣ, ба истисной хизматрасониҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва васеъ намудани доираи фаъолияти ширкатҳое, ки ба хизматрасонии суғуртаи ҳатмӣ машғуланд, андешидани чораҳои зарурӣ таъкид гардид.

Бинобар баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, кутоҳ будани муҳлати пешниҳоди қарз, мавҷуд набудани воситаҳои қарзии махсус барои рушди ин ё он соҳа махсусан дар деҳот, талаботи мураккаб оид ба гарави амвол, истифодаи нокифояи лизинги молиявӣ ва низоми бонкдории исломӣ зарур шуморида шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон якҷо бо мақомоти дахлдор шаклҳои муосир ва инноватсионии маҳсулоти қарзиро бо дарназардошти мукаммал намудани ҷанбаҳои асосии

маҳсулоти қарзии амалкунанда, таҳияи маҳсулоти қарзии махсуси соҳавӣ, паҳн намудани микролизинг ва ба таври васеъ ҷорӣ намудани низоми бонкдории исломӣ омода созад.

Инчунин ҷиҳати дастгирии соҳаҳои истеҳсолӣ роҳҳои бозории пешниҳоди маблағгузории дарозмуддатро бо шартҳои муносиб мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода, ба Ҳукумат хулосаҳои мушаххас пешниҳод намояд.

Бо мақсади таъмин намудани шаффофият, низоми муътадили рушд ва тақвият бахшидани фаъолияти устувори субъектҳои иқтисодӣ, ба Бонки миллӣ супориш дода шуд, ки ҷиҳати истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор тадбирҳои зарурӣ андешад.

Ба Агентии омор супориш дода шуд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати ба роҳ мондани усулҳои муосири баҳисобгирии оморӣ оид ба саҳми бахши хусусӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, воридоти маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳо, сармояи хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт омӯзиш гузаронида, ба Ҳукумат пешниҳоди мушаххас манзур намояд.

Вобаста ба масъалаи гузаронидани санҷишҳои такрорӣ ба мақомоти санҷишӣ супориш дода шуд, ки ҷиҳати эътироф кардани санҷиши сохторҳои як мақомот аз ҷониби сохторҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявии онҳо ва роҳ надодан ба санҷишҳои такрорӣ чораҳои амалӣ андешанд.

Мақсад аз гузаронидани санҷиш кам намудани таваккал (хавф) барои саломатии шаҳрвандон, муҳити зист, амнияти ҷомеа ва бехатарии моликият тавассути таъмини риояи қонунгузорӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор дар ҷараёни амалӣ намудани фаъолияти онҳо арзёбӣ шуда, таъкид гардид, ки мақомоти санҷишӣ минбаъд набояд ба ҷавобгарӣ ҷалб намуданро чун нишондиҳандаи фаъолияти худ асос намоянд, балки барои зиёд шудани ҳуқуқвайронкуниҳо низ масъулият дошта бошанд.

Дар ин робита ба Ҳукумати Тоҷикистон супориш дода шуд, ки муҳлати амали қонунгузории санҷишро аз 1 январи соли 2016 муайян карда, дар соли 2015 санадҳои дахлдорро қабул намояд, то ки татбиқи ислоҳоти санҷиш самараи дилхоҳ диҳад.

Барои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар самти бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он, самаранокии Корхонаи воҳиди давлатии "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" ба Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ супориш дода шуд, ки ҷиҳати ҳарчӣ зудтар ва пурра ба роҳ мондани низоми "Равзанаи ягона" барои бақайдгирии молумулки ғайриманқул тадбирҳои мушаххас андешида, аз натиҷааш ба Ҳукумати ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод намояд.

Ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ гардонидани нарх ва сифати маҳсулот аз ҷумлаи талаботи воридшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ба ҳисоб рафта, бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва хизматрасониҳои ватанӣ, самаранокии иқтидори корхонаҳои ватании ҷорикунандаи низоми назорати сифати маҳсулот дар ширкатҳои истеҳсолӣ тибқи меъёрҳои байналмилалӣ ва ҳамзамон бо ин, бартараф намудани монеаҳои техникӣ мақомоти марбута вазифадор карда шуданд, ки тартиби эътирофи ҳуҷҷатҳои баҳодиҳии мутобиқати маҳсулоти дар хориҷа истеҳсолшударо таҳия ва тасдиқ карда, ҷиҳати ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии назорати сифат дар корхонаҳои ватанӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамзамон, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти дохилӣ ва зиёд кардани иқтидори содиротии мамлакат ҷиҳати муҳайё намудани тамоми шароити зарурӣ барои истеҳсолкунандагон ва содироткунандагони ватанӣ, пеш аз ҳама, барои бахши хусусӣ, аз ҷумла бо роҳи ташкил ва таҷдиди инфрасохтори логистикӣ, шоҳроҳҳо ва пулҳо, тақвият додани ҳамкории бахши хусусӣ бо шарикони тиҷоратии боэътимод дар кишварҳои хориҷӣ ва ҳавасмандгардонии содироткунандагони маҳсулоти ниҳоӣ пайваста чораҷӯӣ намоянд.

Бо мақсади беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат ва баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар солҳои 2014-2020 давраи дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди саноат дар самти коркарди ашёи хоми ватанӣ эълон шуда, ҳадаф аз ин иқдомот ҷалби ҳарчӣ бештари сармоя, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ бо воридоти технологияҳои пешрафта, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ, рушди иқтисодии мамлакат ва фароҳам овардани ҷойҳои иловагии корӣ арзёбӣ гардид ва вобаста ба ин андешидани тадбирҳои иловагӣ ва ҷалби бахши хусусӣ аз ҷумлаи корҳои муҳимтарин таъкид карда шуд.

Ҳамзамон, дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат ва роҳбарони ҳамаи шаҳру ноҳияҳо супориш дода шуд, ки барои ба таври назаррас зиёд кардани саҳми соҳаҳои коркард дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, муҳайё намудани шароити мусоид ҷиҳати фаъолияти боз ҳам беҳтари бахши хусусӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои коркард ва сохтмон, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ барои соҳибкорони ватанӣ ва шарикони хориҷии онҳо, дастгирии ташаббусҳои соҳибкорон дар сатҳҳои идоракунии марказӣ ва маҳаллӣ чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш ҳар сол ба Ҳукумат маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.

Зимни мулоқот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкорону сармоягузорон барои саъю талошварзиҳои онҳо ҷиҳати устувор намудани асосҳои иқтисодии

истиқлолияти давлат, бунёди корхонаву муҳайё намудани ҷойҳои корӣ, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ, дастгирии эҳтиёҷмандону ниёзмандон, ободу зебо гардонидани диёри барои ҳар фарди бонангу номуси миллат муқаддас миннатдорӣ баён намуда, ба хотири заҳматҳо дар роҳи ободии Ватан ва ҳамчун рамзи дастгирии фаъолияти содиқонаву софдилонаи соҳибкорон 14 - уми октябрро дар мамлакат рӯзи соҳибкорон эълон намуданд.

## 9.9. Рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ

Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодии Тоҷикистон бахшҳои давлатию хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар татбиқи афзалиятҳои муайянкардаи Ҳукумати мамлакат фаъолона ширкат намоянд.

Дар ин ҷода саҳми муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бояд назаррас бошад.

Бояд тазаккур дод, ки имрӯз шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар назди раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, ноҳияи Фархор, шаҳрҳои Кӯлоб, Истаравшан, Исфара, Панҷакент ва водии Рашт фаъолият менамоянд ва барои тақвият бахшидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ мусоидат мекунанд.

Зеро шароити мусоиди ҳуқуқӣ барои таъсиси чунин шӯроҳо дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” фароҳам оварда шудааст.

Мақсади асосии шӯроҳои минтақавӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармоя ба иқтисодиёти шаҳру ноҳияҳо мебошад, ки ҳамзамон ба баланд бардоштани иқтисодиёти минтақа, ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ ва таҳкими ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ мусоидат мекунанд.

Бинобар ин, дар ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратӣ Раиси Шӯрои машваратӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкориро дар сатҳи раисони шаҳру ноҳияҳо таъсис дода, ҷиҳати фаъолияти бомароми онҳо ҳамаи шароитҳои заруриро фароҳам оранд.

## 9.10. Мусоидат ҷиҳати тавсеаи донишу малакаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон. Тақвият бахшидани корҳо дар самти ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии идоракунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ (бизнес инкубаторҳо)

Яке аз мушкилоти муҳими рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ин баланд бардоштани савияи дониш ва маърифатнокии соҳибкорон ба шумор меравад.

Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар давоми 23 соли даврони истиқлолият ба роҳ монда шуда, соҳибкорони ватанӣ ҳоло ҳам ба андозаи кофӣ таҷрибаи оғоз ва пешбурди фаъолияти бомуваффақияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои гуногун, ба роҳ мондани ҳамкории тиҷоратӣ бо шарикони хориҷиро надоранд.

Бояд иқрор шуд, ки айни замон савияи донишҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявии аксари соҳибкорони мо ҷавобгӯи талаботи замони муосир нест. Аксарияти соҳибкорон ҳатто лоиҳаҳои дурусти сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратиро таҳия ва барои маблағгузорӣ пешниҳод карда наметавонанд, ки ин боиси паст рафтани нуфузи соҳибкорӣ ва дар маҷмуъ иқтисодиёти мамлакат мегардад.

Бинобар он, ки соҳибкорон ҳуқуқҳои худро пурра намедонанд, бо истифода аз ин, мақомоти санҷишӣ низ дар аксари ҳолатҳо ба соҳибкорон сарбории зиёд меоранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки роҳбарони корхонаҳои коркарди маҳсулоти хуроквворӣ тахассуси мувофиқи техникиро дар фаъолияти истеҳсолӣ дошта, дар самти усулҳои пешқадами идоракунӣ, банақшагирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ба роҳ мондани фурӯши маҳсулот таҷрибаву дониши кифоя надоранд.

Илова бар ин низоми амалкунандаи таҳсилоти касбӣ ба хатмкунандагон малакаҳои зарурӣ намедиҳад.

Бинобар ин сохторҳои амалкунандаи соҳибкорӣ дар фаъолияти худ аз навовариҳои технологӣ ва таҷҳизоти пешқадам хеле кам истифода мебаранд.

Тибқи тадқиқоти Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ танҳо 38 фоизи субъектҳои соҳибкорӣ дорои сомонаи интернетӣ мебошанд, ҳол он ки дар мамлакатҳои Аврупои Марказию Шарқӣ ин нишондиҳанда 60 фоизро ташкил медиҳад. Инчунин танҳо 58 фоизи субъектҳои соҳибкорӣ аз суроғаи электронӣ барои робита бо муштариёни худ истифода менамоянд, ҳол он ки дар мамлакатҳои Аврупои Марказию Шарқӣ ин нишондиҳанда 88 фоизро ташкил медиҳад.

Барои ҳалли комплексии масъалаи мазкур бояд на танҳо курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ барои соҳибкорон ташкил карда шаванд, инчунин омӯзондани асосҳои соҳибкорӣ аз макотиби миёна то макотиби олӣ ба роҳ монда шавад.

Бинобар ин, зимни мулоқот бо соҳибкорону сармоягузорон Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Агентии Тоҷикстандарт ва дигар сохторҳои марбута супориш доданд, ки ҷиҳати баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявии соҳибкорон, аз ҷумла дар самтҳои андозбандӣ, ҷараёни воридоту

содироти молу маҳсулот ва хизматрасонӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва танзими он, таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ, муҳосибот ва ҳисобдорӣ, омӯзиши асосҳои соҳибкорӣ дар макотиби миёна ва дигар ҷанбаҳои фаъолияти соҳибкорӣ нақшаи чорабиниҳои омӯзиширо таҳия ва амалӣ намоянд.

Тавре қаблан қайд карда шуд, тамоми супоришу тавсияҳои Сарвари давлат дар мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорон, ки 14 октябри соли 2014 баргузор гардид, ба Нақшаи чорабиниҳои Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорону сармоягузорон ворид карда шуданд. Санади мазкур 31 октябри соли 2014 тасдиқ карда шуда, айни замон аз тарафи вазорату идораҳои дахлдор мавриди татбиқ қарор дода шудааст.

## 9.11. Тақвият бахшидани ҳамкорӣ бо шарикони рушд вобаста ба дастгирии онҳо ҷиҳати гузаронидани таҳлили фазои сармоягузорию соҳибкорӣ

Бояд қайд намуд, ки дар амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ, аз ҷумла вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар мамлакат шарикони боэътимоди рушд саҳми муносиб доранд.

Дар ин радиф моро зарур аст, ки минбаъд низ фаъолияти тарафайни худро баҳри боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар мамлакат ҳамоҳанг созем.

Аз ин рӯ, дар ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратӣ бори дигар ба шарикони рушд тавсия дода шуд, ки дар ҷараёни татбиқи қарорҳои Шӯро фаъолона ширкат намуда, самаранокии лоиҳаҳои худ, аз ҷумла самаранокии иқтисодӣ ва молиявии онҳоро баланд бардоранд.

Инчунун лоиҳаҳои татбиқнамудаи шарикони рушд бояд ба ҳадафҳои иқтисодии Тоҷикистон мувофиқ бошанд ва ҳангоми амалисозии лоиҳаҳо афзалиятҳои миллии ҷумҳурӣ дар мадди аввал гузошта шаванд.

Раиси Шӯрои машваратӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор намуданд, ки шарикони рушд дар ин самт фаъолияти худро ҷоннок хоҳанд кард.

## 10. ИНЪИКОСИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ ДАР ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА

Котибот мақоми кории Шӯрои машваратӣ буда, на танҳо барои таъмини корҳои ташкилию методӣ ва техникии фаъолияти Шӯрои машваратӣ масъул аст, балки корҳои иттилоотии фаъолияти Шӯрои машваратиро низ таъмин менамояд. Аз ин рӯ, таъмини иттилоот қисми таркибии фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратӣ буда, ба масъалаи пешниҳоди маълумот ба ҷомеа ҳамчун яке аз қисмҳои ҷараёни муколамаи давлат ва бахши хусусӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ Котиботи Шӯрои машваратӣ бо мақсади таъмини шаффофият, маълумотҳои заруриро оид ба натиҷаҳои фаъолияти Шӯрои машваратӣ ба ҷомеа пешниҳод намудааст. Аз ҷумла Бюллетени моҳонаи Котиботи Шӯрои машваратӣ ва дигар варақаҳои иттилоотӣ таҳия гардида, ба шарикон ирсол карда шуданд. Аз ҷониби роҳбарият ва мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳо мақолаҳо оид ба ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ ба нашр расонида мешаванд. Инчунин роҳбарият ва мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар васоити ахбори омма, аз ҷумла радиову телевизион баромад намуда, дар сомонаи интернетии Шӯрои машваратӣ маълумотҳои муфассал ҷой дода шудаанд.

Барои пешниҳоди маълумот ба шарикон оид ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ, Котиботи Шӯро дар бораи чорабиниҳои муҳим дар бахши соҳибкорӣ, ҷалби сармоя, рушди бахши хусусӣ, муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, маълумотҳои заруриро ҷамъоварӣ намуда, Бюллетени моҳонаи худро таҳия менамояд. Дар давраи ҳисоботӣ 11 Бюллетен бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳия гардида, ба шарикон ирсол карда шуданд ва инчунин дар сомонаи интернетии Шӯрои машваратӣ бо суроғаи www.investmentcouncil.tj ҷой дода шудаанд.

Пас аз доир намудани ҳар як ҷаласаи Шӯрои машваратӣ, Котибот маълумотномаи васеъро оид ба ҷараёни ҷаласа, рӯзномаи корӣ, натиҷаҳои мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ ва қарорҳои дар ҷаласа қабулгардидаро таҳия намуда, ба шарикон ирсол намудааст. Инчунин дар давраи ҳисоботӣ якчанд варақаҳои алоҳидаи иттилоотӣ оид ба дастовардҳо ва фаъолияти Шӯрои машваратӣ таҳия карда шуда, ба ҷонибҳои ҳавасманд пешниҳод гардиданд.

Илова ба ин, буклети «Давлат ва бахши хусусӣ – ҳамкорӣ барои рушди устувор» таҳия карда шуда, дар Мизи мудавваре, ки дар таърихи

6 феврали соли 2014 бо ибтикори Котиботи Шӯрои машваратӣ доир гардида буд, муаррифӣ карда шуд. Дар буклет самтҳои асосӣ, тартиби фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он дар давраи ҳисоботӣ, ҳамкорӣ бо шарикон, инчунин дастовардҳои асосӣ дарҷ гардиданд. Буклети зикргардида бо мақсади пешниҳоди иттилооти васеъ оид ба Шӯрои машваратӣ ва самтҳои фаъолияти он на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки пешниҳоди иттилоот ба ҷомеаи байналмилалӣ таҳия карда шудааст. Буклет бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр гардид.

Фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он, инчунин афзалиятҳо ва роҳҳои минбаъд беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, ислоҳот вобаста ба татбиқи беҳтарнамоии фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ, шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага ва ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат ва дигар иттилооти зарурӣ пайваста дар сомонаи интернетии «Азия Плюс» ва дигар нашрияҳо интишор гардиданд.

Ҳамчунин дар доираи омода ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ, Роҳбари Котиботи Шӯро дар шабакаҳои телевизионӣ баромад мекунад.

## ХУЛОСА

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратӣ дар соли 2014 натиҷаҳои зерин ба даст омаданд:

1. Тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014 таҳти №300.
2. Тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014 таҳти №301.
3. Гузаронидани таҳлил оид ба вазъи рушди соҳибкорӣ дар мамлакат ҷиҳати омодагӣ ба мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон.
4. Ташкил ва гузаронидани мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорону сармоягузорон. Таҳияи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз натиҷаи мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорон аз 14 октябри соли 2014 бармеоянд ва тасдиқи он аз санаи 31 октябри соли 2014.
5. Ташкил ва гузаронидани Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе-2014 таҳти шиори "Соҳибкорӣ – муҳаррики иқтисодиёт". Ба имзо расидани як қатор ёддоштҳои тафоҳум дар раванди Форум. Қабули санади ниҳоии Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе-2014 таҳти шиори "Соҳибкорӣ –муҳаррики иқтисодиёт".
6. Аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидани «Конвенсияи Гаага (Конвенсияи Апостил) оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмӣ аз соли 1961» аз 29 октябри соли 2014.
7. Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо агентиҳои рейтингии бонуфузи ҷаҳонӣ Standard & Poor's ва Moody's ҷиҳати ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
8. Бори сеюм эътироф гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мамлакати беҳтарини ислоҳотгари ҷаҳон дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ барои соли 2015.
9. Таҳия ва муаррифии Ҳисобот оид ба рушди бахши суғурта бо тавсияҳои мушахасс, таҳия ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди соҳа, аз 31 декабри соли 2014, №788.

10. Таҳия ва муаррифии Ҳисобот оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ бо тавсияҳои мушаххас ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ.

Ислоҳоти гузаронидашуда барои беҳтар намудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ мусоидат намуда, ба рушди бахши хусусӣ ва ҷалби бештари сармоя ба иқтисодиёти ватанӣ такони ҷиддӣ бахшиданд. Масалан, дар натиҷаи ислоҳоти татбиқшуда то 1 декабри соли 2014 дар миқёси ҷумҳурӣ 285 284 адад субъектҳои соҳибкорӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2013, 21 686 адад ва ё **8,2 фоиз зиёд** гардидааст. Дар соли 2014 ҳиссаи бахши хусусӣ дар Маҷмуи Маҳсулоти Дохилии кишвар зиёда аз 63%-ро ташкил дода, бахши хусусӣ зиёда аз 64,5%-и шуғли аҳолиро дар Тоҷикистон таъмин менамояд. Рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ дар мамлакат ба коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатии аҳолӣ низ мусоидат намуда, дар натиҷа ин нишондиҳанда дар соли 2014 то 32% паст карда шуд.

Ба натиҷаҳои бадастомада маҳдуд нашуда, Шӯрои машваратӣ ислоҳотро идома медиҳад ва дар соли 2015 низ дар як қатор самтҳои афзалиятнок ислоҳот идома дода мешаванд, аз ҷумла:

- Ҳамоҳангсозии фаъолият барои ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат;
- Пайгирии ислоҳот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта;
- Пайгирии ислоҳот оид ба ташкили бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ;
- Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахшҳои саноат, дастгирии молиистеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди истеҳсолоти миллӣ;
- Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрӣ;
- Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” дар таҳрири нав;
- Ташкили рейтинги миллии фазои сармоягузорӣ;
- Ташкил ва гузаронидани нахустин солгарди Рӯзи миллии соҳибкорон дар таърихи 14 октябр;
- Рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ;
- Мусоидат ҷиҳати тавсеаи донишу малакаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон. Тақвият бахшидани корҳо дар самти ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии идоракунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ (бизнес инкубаторҳо);

- Тақвият бахшидани ҳамкорӣ бо шарикони рушд вобаста ба дастгирии онҳо ҷиҳати гузаронидани таҳлили фазои сармоягузорию соҳибкорӣ.

*Замимаи 1*

**Рӯйдодҳои муҳимтарин дар соли 2014 дар доираи фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ**

| | |
|---|---|
| **6 феврал** | Баргузории Мизи мудаввар дар мавзуи «Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – ҳамчун воситаи таъминкунандаи муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ» |
| **3 май** | Тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои мамлакат дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ |
| **3 май** | Тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ |
| **30 май** | Баргузории ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ |
| **4 июл** | Баргузории Мизи мудаввар оид ба ислоҳот вобаста ба мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ |
| **18 июл** | Баргузории Семинар оид ба тақвият бахшидани ҳамкории байни Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ |
| **10 сентябр** | Дар доираи вохӯрии сарони кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай баргузории Бизнес-Форуми доираҳои соҳибкории мамлакатҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай |
| **25-26 сентябр** | Баргузории Форуми байналмилалии иқтисодӣ таҳти шиори «Водии Рашт-имкониятҳои рушд» |
| **14 октябр** | Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо соҳибкорон ва сармоягузорон |
| **15** | Баргузории Форуми иқтисодию сармоягузории Душанбе - 2014 |

| | |
|---|---|
| **октябр** | тахти шиори “Соҳибкорӣ - муҳаррики иқтисодиёт” |
| **15 октябр** | Имзои Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи метаноли Сингапур оид ба ҳамкорӣ ва шарикӣ |
| **15 октябр** | Имзои Ёддошти ҳамкорӣ байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи ҷамъиятҳои тиббӣ оид ба сифати Федератсияи Россия вобаста ба рушди системаи таҳсилоти тиббӣ тибқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ. |
| **15 октябр** | Имзои Ёддошти тафоҳум байни Корхонаи воҳиди давлатии Корхонаи Алюминии Тоҷик ва Ширкати Глинкор Интернешнл Швейтсария дар бораи ба роҳ мондани ҳамкориҳо |
| **15 октябр** | Имзои Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дафтари Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) оид ба ташкили бизнес – инкубаторҳо |
| **27-28 октябр** | Баргузории Форуми якуми сармоягузорӣ дар доираи Нақшаи амалиёти Созмони Ҳамкории Исломӣ оид ба ҳамкорӣ бо мамолики Осиёи Марказӣ |
| **29 октябр** | Аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон ба тасвиб расидани Конвенсияи Гаага (Конвенсияи Апостил) оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмӣ аз соли 1961 |
| **31 октябр** | Қабули Нақшаи чорабиниҳо аз натиҷаи мулоқоти Президенти мамлакат бо соҳибкорону сармоягузорон (санаи мулоқот 14 октябри соли 2014) |
| **17 ноябр** | Баргузории ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ |
| **27 ноябр** | Баргузории Бизнес-форуми соҳибкорони Тоҷикистону Чехия |
| **18 декабр** | Баргузории Мизи мудаввар оид ба муаррифии натиҷаҳои ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **31 декабр** | Тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта |

*Замимаи 2*

## Санадҳои дар соли 2014 дар доираи фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ қабулгардида

| № | Номгуи санадҳои қабулгардида | Сана ва рақам |
|---|---|---|
| 1 | Тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки ҷаҳонӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | аз 3 майи соли 2014 №300. |
| 2. | Тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | аз 3 майи соли 2014 таҳти №301. |
| 3 | Протоколи ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ (санаи баргузории ҷаласа 30 майи соли 2014) | 7 июни соли 2014 |
| 4 | Дар доираи Форуми иқтисодию сармоягузории Душанбе - 2014 таҳти шиори "Соҳибкорӣ - муҳаррики иқтисодиёт": | |
| | - Имзои Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи метаноли Сингапур оид ба ҳамкорӣ ва шарикӣ; | 15 октябри соли 2014 |
| | - Имзои Ёддошти ҳамкорӣ байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи ҷамъиятҳои тиббӣ оид ба сифати Федератсияи Россия вобаста ба рушди системаи таҳсилоти | 15 октябри соли 2014 |
| | | 15 октябри соли 2014 |

| | | |
|---|---|---|
| | тиббӣ тибқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ;<br>- Имзои Ёддошти тафоҳум байни Корхонаи воҳиди давлатии Корхонаи Алюминии Точик ва Ширкати Глинкор Интернешнл Швейтсария дар бораи ба роҳ мондани ҳамкориҳо;<br>- Имзои Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дафтари Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) оид ба ташкили бизнес – инкубаторҳо | <br><br>15 октябри соли 2014 |
| 5 | Тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз натиҷаи мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорон аз 14 октябри соли 2014 бармеоянд | аз санаи 31октябри соли 2014. |
| 6 | Қабули санади ниҳоии Форуми иқтисодӣ ва сармоягузории Душанбе-2014 таҳти шиори “Соҳибкорӣ –муҳаррики иқтисодиёт” | аз санаи 29 октябри соли 2014 |
| 7 | Аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидани «Конвенсияи Гаага (Конвенсияи Апостил) оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмӣ аз соли 1961» | аз санаи 29 октябри соли 2014. |
| 8 | Протоколи ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ (санаи баргузории ҷаласа 17ноябри соли 2014) | 28 ноябри соли 2014 |
| 9 | Тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта | аз 31 декабри соли 2014, №788. |